[47-А]. Самадов, Б.О. Масъалаҳои поквиҷдонӣ ҳамчун омили муҳим дар танзим ва амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / Б.О. Самадов // «Ташаккул ва рушди иқтисод». Маҷмуаи мақолаҳо дар конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони ДИС ДДТТ. – Худжанд, 2015. – С. 98-103.

[48-А]. Самадов, Б.О. Реализация требований законов в сфере предпринимательской деятельности: вопросы теории и практики [Текст] / Б.О. Самадов. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2015. – №2 (11). – С. 103-107.

[49-А]. Самадов, Б.О. Алоқамандии солимии ҷамъияти граждании бо меъёрҳои ҳуқуқи граждании [Матн] / Б.О. Самадов // «25 соли Истиқлолият: дастовардҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ». Маҷмуаи мақолаҳо дар конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони ДИС ДДТТ. – Худжанд, 2016. – С. 83-88.

[50-А]. Самадов, Б.О. Ҷабҳаҳои ҳуқуқии рушди рақобатпазирии соҳибкорон дар солҳои истиқлолияти Тоҷикистон [Матн] / Б.О. Самадов // «25 соли Истиқлолият: дастовардҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ». Маҷмуаи мақолаҳо дар конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони ДИС ДДТТ. – Худжанд, 2016. – С. 155-159.

[51-А]. Самадов, Б.О. О правовых аспектах регулирования государственной поддержки предпринимательства и ответственности в некоторых странах СНГ [Текст] / Б.О. Самадов // «Наука, образование, молодежь в современном мире». Материалы Международной научно-методической конференции (26-27 мая 2016 г.). – М., 2016. – С. 148-156.

[52-А]. Самадов, Б.О. О правовых аспектах регулирования государственной поддержки предпринимательства [Текст] / Б.О. Самадов // «Актуальные проблемы развития экономики и образования». Материалы четвёртой международной научно-практической конференции (2-3 июня 2016 г.). – Душанбе, 2016. – С. 241-245.

[53-А]. Самадов, Б.О. Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзим ва тамоюли рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.О. Самадов // «Дурнамои макроиқтисодӣ ва ҷойгиршавии оқилонаи қувваҳои истеҳсолӣ». Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ (9-10 июни соли 2016). – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 327-332.

[54-А]. Самадов, Б.О. Значение правовых основ инвестиционной деятельности в создании новых рабочих мест в современном Таджикистане [Текст] / Б.О. Самадов // Материалы республиканской научно-практической конференции Министерства труда и занятости населения Республики Таджикистан (28-29.10.2016). – Душанбе, 2016. – С. 77-82.

[55-А]. Самадов, Б.О. Моҳияти меъёрҳои конститутсионӣ дар ташаккул ва рушди ҳуқуқи моликият дар Тоҷикистон соҳибистиқлол

[Матн] / Б.О. Самадов // «Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ: мушкилот ва роҳҳои рушд». Маводҳои конференсия байналмилалии илмӣ-амалӣ ДДҲБСТ (25 ноябри соли 2016). – Хуҷанд, 2016. – С. 167-170.

**[56-А].** Самадов, Б.О. Ҳифзи ҳуқуқии рақобати соҳибмулкон дар фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / Б.О. Самадов // «Ҳаёт ва қонун». Научный журнал Министерства юстиции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017. – С. 88-92.

**[57-А].** Самадов, Б.О. Правовые проблемы реализации гражданско-правовой ответственности лиц в сфере регулирования торговых отношений по действующему законодательству Республики Таджикистан и России [Текст] / Б.О. Самадов // «Проблемы взаимодействия публичного и частного права при регулировании экономических отношений». Международная научно-практическая конференция (16-17 марта 2017 г.). – Екатеринбург, 2017. – С. 142-147.

**[58-А].** Самадов, Б.О. Масъалаҳои ҳуқуқии танзим ва ҳифзи рақобат дар соҳаи муносибатҳои асъорӣ [Матн] / Б.О. Самадов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (28-29.04.2017). – Душанбе, 2017. – С. 189-194.

**[59-А].** Самадов, Б.О. Хусусияти ҳуқуқии ҳифзи моликият дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / Б.О. Самадов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (28-29.04.2017). – Душанбе, 2017. – С. 128-132.

**[60-А].** Самадов, Б.О. Об особенностях реализации гражданско-правовой ответственности в сфере защиты прав потребителей по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Б.О. Самадов // Материалы конференции профессорско-преподавательского состава ТГУПБП (28.04.2017). – Худжанд, 2017. – С. 92-98.

**[61-А].** Самадов, Б.О. Гражданско-правовая ответственность в сфере нарушения прав потребителей в России и Таджикистане [Текст] / Б.О. Самадов // «Наука, образование, молодежь в современном мире». Материалы Международной научно-методической конференции (19 мая 2017 г.). – М., 2017. – С. 72-76.

**[62-А].** Самадов, Б.О. Правовые вопросы реализации прогрессивных направлений, указанных в Посланиях Президента Республики Таджикистан в современном обществе [Текст] / Б.О. Самадов // Материалы республиканской научно-практической конференции Института повышения квалификации Министерства образования и науки Республики Таджикистан (21.06.2017). – Худжанд, 2017. – С. 118-126.

**[63-А].** Самадов, Б.О. Особенности правового регулирования и защиты конкуренции в сфере предпринимательской деятельности [Текст] / Б.О. Самадов // Материалы Международной научно-

практической конференции «Актуальные проблемы гражданского и предпринимательского права». Бизнес. Менеджмент. Право. «Якушевские чтения». – Екатеринбург, 2017. – №3-4. – С. 93-98.

**[64-А].** Самадов, Б.О. Правовые аспекты государственно-правовой поддержки и ответственности в сфере предпринимательства в некоторых странах СНГ [Текст] / Б.О. Самадов // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Развитие предпринимательского, коммерческого и туристического законодательства в период Государственной независимости Республики Таджикистан» (18 майя 2018 года). – Душанбе, 2018. – С. 274-278.

**[65-А].** Самадов, Б.О. Аҳамияти меъёрҳои қонунгузории маорифу илм дар рушди таҳсилоти олии касбӣ [Текст] / Б.О. Самадов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳҳо ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани сифати таҳсил» (19-20 июни соли 2018). – Хуҷанд, 2018. – С. 92-96.

**[66-А].** Самадов, Б.О. Правовое значение конституционных основ в осуществлении предпринимательской деятельности в некоторых странах Шанхайской Организации Сотрудничества [Текст] / Б.О. Самадов // Международная научно-методическая конференция на тему «Актуальные проблемы современной юриспруденции и пути их решения: теория и практика» (ТГУ ПБП, 29-30 ноября 2018 г.). – Хуҷанд, 2018. – С. 117-124.

**[67-А].** Самадов, Б.О. Нақш ва аҳаммияти меъёрҳои қонунгузории ҳимояи рақобат дар рушди соҳибкории хурду миёна [Матн] / Б.О. Самадов // Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии «Рушди соҳибкорӣ дар замони муосир: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он» (ДДҲБСТ, 18-19 октябри соли 2018). – Хуҷанд, 2018. – С. 67-72.

**[68-А].** Самадов, Б.О. Масъалаҳои ҳуқуқии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкории занон дар қонунгузории муосири Тоҷикистон [Матн] / Б.О. Самадов // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» (Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 декабри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 204-209.

**[69-А].** Самадов, Б.О. Самтҳои рушди сармоягузорӣ дар иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи онҳо [Матн] / Б.О. Самадов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масоили мубрами идоракунии молияи давлатӣ: ҷабҳаҳои миллӣ ва минтақавӣ» (Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 7 декабри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 118-124.

**[70-А].** Самадов, Б.О. О правовых основах инвестиционной деятельности в Республике Таджикистан [Текст] / Б.О. Самадов //

Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «20 соли Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳуқуқ ва иқтисод» (Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 11 октябри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 77-81.

**[71-А].** Самадов, Б.О. О проблемах реализации гражданско-правовой ответственности в сфере предпринимательства в Таджикистане и России [Текст] / Б.О. Самадов // II Всероссийская научно-практическая конференция с международным участием «Современные проблемы государства и права» (12 декабря 2019 года). – Новосибирск, 2019. – С. 103-107.

**[72-А].** Самадов, Б.О. Пешгирии омилҳои коррупсионӣ нисбати таъмини манфиатҳои миллӣ дар татбиқи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ [Матн] / Б.О. Самадов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Такмили қонунгузории зиддикоррупсионӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд» (ДДҲБСТ, 4 феврали соли 2020). – Хуҷанд, 2020. – С. 229-235.

**[73-А].** Самадов, Б.О. Зарурияти ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар фазои соҳибкорӣ [Матн] / Б.О. Самадов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Такмили қонунгузории зиддикоррупсионӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд» (ДДҲБСТ, 4 феврали соли 2020). – Хуҷанд, 2020. – С. 65-71.

**[74-А].** Самадов, Б.О. Правовые аспекты соблюдения условий использования электронной цифровой подписи в Республике Таджикистан [Текст] / Б.О. Самадов // «Информационное общество: пределы и риски – прошлое, настоящее, будущее». Гуманитарные Губкинские чтения – V Международная научная конференция, посвященная 90-летию РГУ нефти и газа (НИУ) имени И.М. Губкина и 75-й годовщине Победы в Великой Отечественной войне (2-3 апреля 2020 г). – М.: РГУ, 2020. – С. 116-125.

**[75-А].** Самадов, Б.О. Таъмини ҳуқуқии шарикии давлат ва бахши соҳибкорӣ дар татбиқи самтҳои асосии стратегияи милли рушд [Матн] / Б.О. Самадов // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Масъалаҳои муҳими идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар замони муосир». – Душанбе, 2020. – С. 105-109.

**[76-А].** Самадов, Б.О. Таъмини манфиатҳои миллӣ дар танзими ҳуқуқӣ-гумрукии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ [Матн] / Б.О. Самадов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Нақши мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амният ва рушди иқтисод» (31 марти соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 125-130.

**[77-А].** Самадов, Б.О. Оид ба масъалаҳои ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар қонунгузории муосири Тоҷикистон [Матн] / Б.

О. Самадов // «Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилиҳо». Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (31.03.2020). – Душанбе, 2020. – С. 39-47.

[78-А]. Самадов, Б.О. Оид ба моҳияти низоми чорабиниҳои карантинӣ баҳри ҳифзи саломатии ҷомеа мувофиқи қонунгузории ҷорӣ [Матн] / Б. О. Самадов // «Проблемаҳои ҳуқуқӣ дар шароити паҳнгардии пандемияи COVID-19». – Душанбе, ДДТТ, 2020. – С. 102-113.

[79-А]. Самадов, Б.О. Масъалаҳои ҳуқуқии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкории занон дар қонунгузории муосири Тоҷикистон [Матн] / Б.О. Самадов // II-юмин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ». Маводи конференсия бахшида ба 71-умин солгарди рӯзи қабули эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (6 декабри соли 2019). – Душанбе, 2020. – С. 204-209.

[80-А]. Самадов, Б.О. Баъзе масъалаҳои танзими давлатии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ [Матн] / Б.О. Самадов // Конференсияи ҷумҳуриявии ДДҲБСТ «Аккредитатсияи байналмилалӣ – омили баланд бардоштани сифати таҳсилот» (30.09.2020). – Хуҷанд, 2020. – С. 36-40.

[81-А]. Самадов, Б.О. Масъалаҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ ба рушди ҳунарҳои мардумӣ [Матн] / Б.О. Самадов // «Такомули қонунгузории сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ». Конференсияи ҷумҳуриявии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (8.10.2020). – Душанбе, 2020. – С. 46-56.

[82-А]. Самадов, Б.О. Моҳияти ҳуқуқии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонуни нави сайёҳӣ [Матн] / Б.О. Самадов // «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ». Форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ДДҲБСТ, 11 декабри соли 2020). – Хуҷанд, 2020. – С. 186-191.

[83-А]. Самадов, Б.О. Масъалаҳои таъминоти ёрии ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузории муосири Тоҷикистон [Матн] / Б.О. Самадов // III-юмин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» (Академияи ВКД ҶТ, 10.12.2020). – Душанбе, 2020. – С. 286-290.

[84-А]. Самадов, Б.О. Правовые аспекты регулирования конкуренции и ответственности по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Б.О. Самадов Республиканская научно-практическая конференция Таджикского государственного финансово-экономического университета на тему: «Актуальные проблемы права и экономики в условиях глобализации», посвященная 30-летию

Государственной независимости Республики Таджикистан (29 мая 2021 г.). – Душанбе, 2021. – С. 275-286.

**[85-А].** Самадов, Б.О. Ответственность в сфере инновационной предпринимательской деятельности по законодательству Таджикистана [Текст] / Б.О. Самадов // Правовое регулирование отдельных направлений предпринимательства в Республике Таджикистан. Материалы республиканской научно-практическая конференция на тему «Развитие законодательства Таджикистана по отдельным направлениям предпринимательства» (ТНУ, 7 октября 2021 года). – Душанбе, 2021. – С. 172-181.

**[86-А].** Самадов, Б.О. Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини саноатикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо [Матн] / Б.О. Самадов // Ҳамгироии илм ва истеҳсолот баҳри татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ, бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва Рӯзи илми тоҷик (21-25 апрели соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С. 21-26.

**[87-А].** Самадов, Б.О. Правовые аспекты реализации гражданской ответственности по законодательству в сфере образования [Текст] / Б.О. Самадов // Материалы международной научно-практической конференции Юридического института Томского государственного университета на тему «Образовательное право и законодательство: тренды и стратегия развития» (25-26 февраля 2022 года). – Томск, 2022. – С. 50-55.

**[88-А].** Самадов, Б.О. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси ҳуқуқии падидаҳои нави раванди ҷаҳонишавӣ [Матн] / Б.О. Самадов // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Конститутсия – омили муҳими устувории давлат», филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе (5 ноябри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 320-325.

**[89-А].** Самадов, Б.О. Нақши ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ тибқи қонунгузории Тоҷикистон [Матн] / Ш.К. Ғаюрзода, Б.О. Самадов // «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ». Форуми II ҷумҳуриявии иқтисодӣ (ДДҲБСТ, 15 декабри соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С. 108-114.

**[90-А].** Самадов, Б.О. Масъалаҳои танзими ҳуқуқии беҳсозии муҳити сармоягузории соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ [Матн] / Б.О. Самадов, Л.Ш. Шикориева // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии рушди сайёҳӣ дар мамлакат: муаммоҳо, омилҳо ва тамоюлҳои рушд» (Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 22 декабри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 247-251.

**[91-А].** Самадов, Б.О. Самтҳои танзими давлатии инноватсия дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.О. Самадов, И.С. Ҷумаев // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «XIII хониши Ломоносовӣ», бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров (Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, 28-29 апрели соли 2023). Қисми II. Илмҳои ҷамъиятшиносӣ (ҳуқуқ, иқтисод). – Душанбе, 2023. – С. 227-232.

### IV. Учебники и учебные пособия:

**[92-А].** Самадов, Б.О. Таможенные термины. Краткий терминологический словарь [Текст] / Б.О. Самадов. – Худжанд: Хуросон, 2002. – 168 с.

**[93-А].** Самадов, Б.О. Правовой обзор права собственности в Республике Таджикистан (U.S. Agency for International Development Central Asia Regional Mission) [Текст] / Б.О. Самадов. – Almaty, Kazakhstan, 2007. – 86 с.

**[94-А].** Самадов, Б.О. Ҳуқуқи тиҷоратӣ [Матн]: маҷмааи дастури таълим // Б.О. Самадов. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2012. – 582 с.

**[95-А].** Самадов, Б.О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ [Матн]: васоити таълим. Қ. 1 / Б.О. Самадов. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 320 с.

**[96-А].** Самадов, Б.О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ [Матн]: васоити таълим. Қ. 2 / Б.О. Самадов. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 528 с.

**[97-А].** Самадов, Б.О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ [Матн]: китоби дарсӣ. Қ. 1 / Б.О. Самадов. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 520 с.

**[98-А].** Самадов, Б.О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ [Матн]: китоби дарсӣ. Қ. 2 / Б.О. Самадов. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 448 с.

**[99-А].** Самадов, Б.О. Предпринимательское право [Текст]: учебное пособие / Б.О. Самадов, М.А. Юсупова. – Худжанд: Ношир, 2019. – 284 с.

**[100-А].** Samadov, B.O. Entrepreneurial Law (Предпринимательское право) [Text]: study quide / B.O. Samadov, D.Sh. Sanginov. – Худжанд: Ношир, 2019. – 234 s.

**[101-А].** Самадов, Б.О. Ҳуқуқи асъорӣ [Матн]: маҷмааи дастури таълим / Б.О. Самадов, М.Р. Абдувоҳидов. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – 236 с.

**[102-А].** Самадов, Б.О. Конкурентное право Республики Таджикистан [Текст]: учебное пособие / Б.О. Самадов, Ш.К. Гаюрзода. – Худжанд: Ношир, 2023. – 296 с.

**[103-А].** Самадов, Б.О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ [Матн]: маҷмуаи дастурҳои таълимӣ / Б.О. Самадов, А.Ҳ. Рофиева. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – 428 с.

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:** 347.1
**ТКБ:** 67.404.04
**С** – 27

**САМАДЗОДА БАХТИЁР ОДИЛҶОН**

# ҶАВОБГАРИИ МАДАНӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**ДУШАНБЕ – 2024**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.**

**Мушовири илмӣ:** **Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Самархоҷаев Батир Билялович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурии Мактаби олии судяҳо дар назди Шурои олии судяҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**Султонова Таҳмина Истамовна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

**Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** **Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия санаи 11 марти соли 2025, соати $10^{\underline{00}}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ___________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар Тоҷикистон ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар ҳама соҳаҳои фаъолияти озоди соҳибкорӣ асосҳои ҳуқуқӣ дорад, ки он дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст. Дар шароити муосир татбиқи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокдорони муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, соҳибкорӣ равона карда шудааст. Тадбирҳои чунин ҷавобгарӣ ба пешгирии қонуншиканиҳои ҳуқуқӣ ва оқибатҳои марбут ба муомилоти молумулк равона карда шудаанд. Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ чунин шакли ҷавобгарӣ мувофиқи қонунгузории амалкунанда хусусияти худро дорад.

Самаранокии танзими ҳуқуқи маданӣ алалхусус дар қаринаи фаъолияти соҳибкорӣ аз вазъи танзим ва татбиқи чораҳои андешидашудаи давлатӣ нисбати ҷавобгарӣ вобастагӣ дорад.

Бо вуҷуди он, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти назариявии олимон, ки фарогири масъалаҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ зиёданд, масъалаҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ то имрӯз ба таври зарурӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ инъикос нагардидаанд.

Ҳолати мазкур интихоби мавзуи диссертатсияи мазкурро асоснок менамояд, ки он бо худ натиҷаи таҳлили назариявӣ ва муқоисавию амалияро оид ба татбиқи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ташкил медиҳад. Аз рӯйи моҳияти худ мувофиқи мақсади гузошташуда тадқиқот пеш аз ҳама ба коркарди тавсияҳо нисбати такмили қонунгузорӣ ва истифодаи ин намуди ҷавобгарӣ дар муомилоти молумулкӣ равона карда шудааст.

Дар ин замина, таҳлили муқоисавию ҳуқуқӣ, таҷриба ва хусусияти татбиқи ҷавобгарӣ дар соҳаи амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқии амалкунандаи Тоҷикистон, дар муқоиса бо меъёрҳои баъзе аз кишварҳои хориҷӣ, мақсаднокии таҳия ва имконияти қабули меъёрҳои ҳуқуқии ягонашуда ва амалияи онҳоро тақозо менамояд.

Боиси қайд аст, ки дар замони муосир амали субъект, ки дар асоси талаботи қонунгузорӣ ва ё шарти шартномаҳо муайян гардидааст, ба иҷро нагардидани уҳдадорӣ ё номуносиб иҷро гардидани он оварда мерасонад, мубрамияти баланд пайдо мекунад. Дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи талаботе, ки дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ гардидааст, амали гунаҳгоронаи субъект асоси ба миён омадани ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ мегардад.

Дар соҳаи баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун асос барои чунин ҷавобгарӣ омилҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ баромад менамоянд, ки пайдоиши онро шарт дода, мавҷудияти ин намуди ҷавобгариро таъмин мекунанд. Ин омилҳо шартҳои муайянеро барои фаророрасии

ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ муайян мекунанд, ки ҳамчун нишонаҳои кирдор баромад мекунанд. Ба онҳо амал ё беамалии субъектҳои муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дохил мешаванд. Қонунан сабабҳое, ки бевосита бо вогузор намудани ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат ва мақомоти ваколатдори он ба субъектҳо алоқамандӣ доранд, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки шахс ихтиёран ба зиммаи худ чораҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ мегузорад, муайян карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки дар соҳаи муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ соҳибкорон ҳамчун субъектони мустақили ҳуқуқ баромад мекунанд. Чун қоида, соҳибкорон қарорҳои ҳуқуқӣ таҳия ва татбиқ намуда, худ мустақилона ташаббускориро нишон медиҳанд. Ба ин васила амалҳои ҳуқуқии қонунан пешбининамуда ба соҳибкор имкон медиҳанд, ки фоидаро зиёд намояд, вазъи иқтисодии худро беҳтар гардонад. Ғайр аз ин, дар ҳолати мазкур тарафи баръакс низ ҷой дошта метавонад, яъне соҳибкор тамоми оқибатҳои номатлубро вобаста ба амалҳои ҳуқуқии ғайрикасбӣ ва қонунан номувофиқ ба дӯши худ мегирад.

Дар ин ҷода, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 ба масъалаи такмил ва рушди қонунгузории амалкунанда ишора намуданд: «Бо пешрафти ҷомеа муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста тағйир ёфта, дар ин замина ба муносибатҳои нав мутобиқ гардонидани қонунҳо шарти асосии таъмин намудани рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар мебошад»[1].

Сарвари давлат асоснок намудаанд, ки бахри ба сатҳи баланд расонидани сифати қонунҳо, такомули механизми иҷрои онҳо, ба талаботи ҷомеаи маданӣ ҷавобгуй гардонидани меъёри қонунҳои амалкунанда ҳамкориҳои устувори шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар ҳама зинаҳои он заруранд.

Амалия нишон медиҳад, ки вайронкунии тартиботи ҳуқуқӣ аз ҷониби соҳибкорон аксар вақт бо сабаби надонистани қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ, надоштани таҷриба ва малакаи корӣ мувофиқи қоидаҳо, надонистани оқибатҳои риоя накардани талабот ва муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ ва таъмини рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар замони муосир норасоии ҷиддӣ дар қонунгузории амалкунанда аз набудани меъёрҳои мушаххас оид ба намудҳои ҷавобгарӣ ва субъектони асосие, ки ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла маданӣ-ҳуқуқӣ кашида мешаванд, иборат мебошад. Ин аз

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021 сол [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи муроҷиат: 25.12.2021).

қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, кадоме амалисозии фаъолияти озоди соҳибкориро ба танзим медарорад ва таҳлили онҳо баҳри такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқиро асоснок менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон таҳлили илмии баъзе аз меъёрҳои қонунгузории маданиро, ки қоидаҳо ва механизмҳои татбиқи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва татбиқи амалиро дарбар мегиранд, тақозо менамояд ва дар навбати худ мутаносибан ҷабҳаҳои танқидро ба миён меоранд.

Таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ҷабҳаҳои илмӣ-консептуалӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқтисодиёт дар робита бо ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ мубрам буда, он метавонад ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҷавобгарӣ мусоидат намояд, ки ин яке аз вазифаҳои таҳқиқоти мазкур мебошад. Тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда пеш аз ҳама ба ҳалли муаммоҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар ҳар кадом марҳилаҳои татбиқи он ба миён меоянд, равона карда шудаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти маҷмуавии монографие, ки ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ба фарогирии он дар қонунгузории амалкунанда бахшида шудаанд, на он қадар зиёданд.

Бо вуҷуди он, олимони ҳуқуқшиноси ватаниро номбар кардан мумкин аст, ки дар асарҳои илмии онҳо масъалаҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи ин ё он ҷабҳа баррасӣ гардидаанд, ба монанди: Ш.К. Ғаюрзода (Ғаюров)[2], А.В. Золотухин[3], Ш.М. Исмаилов[4], Қ.Ш. Қурбонов[5], Р.Ш. Менглиев[6], Ҷ.С.

---

[2] Ниг.: Гаюров Ш.К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2010. – 45 с.; Ғаюров Ш.К. Таҳия ва қабули Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурат надорад / Ш.К. Ғаюров // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №1 (29). – С. 321-326.

[3] Ниг.: Золотухин А.В. Правовое обеспечение страхования предпринимательских рисков в гражданском праве Республики Таджикистан: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 42 с.

[4] Ниг.: Исмаилов Ш.М. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2007. – 366 с.; Исмаилов Ш.М. О проблемах государственного регулирования современной предпринимательской деятельности / Ш.М. Исмаилов // Правовая жизнь. – 2020. – №1 (29). – С. 147-162.

[5] Ниг.: Курбонов К.Ш. Добросовестность в гражданском праве: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 364 с.

[6] Ниг.: Менглиев Р.Ш. Защита права владения в гражданском праве: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 1999. – 193 с.

Муртазозода (Муртазоқулов)[7], В.А. Ойгензихт[8], М.З. Раҳимзода (Раҳимов)[9], Д.Ш. Сангинзод (Сангинов)[10], Т.И. Султонова[11], Ш.Т. Тағойназаров[12], О.У. Усмонов[13] ва дигарон.

Бояд қайд кард, ки дар байни асарҳои илмии олимони ватанӣ, ки ба ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шудаанд, тадқиқотҳое мушоҳида мешаванд, ки дар онҳо баъзе масъалаҳои таъмини ҳуқуқии ҷавобгарӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд[14].

Асарҳо ва таҳқиқоти олимони ҳуқуқшиноси хориҷӣ низ ҷой доранд, ки фарогири масъалаҳои назариявию амалӣ марбут ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд. Дар байни онҳо олимони зерини русро номбар кардан мумкин аст: В.С.

---

[7] Ниг.: Муртазокулов Дж.С. Гражданско-правовые проблемы организации и деятельности дехканских (фермерских) хозяйств в Таджикистане: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2012. – 48 с.

[8] Ниг.: Ойгензихт В.А. Имущественная ответственность в хозяйственных договорах. Учебное пособие. – Душанбе, 1980. – 111 с.; Ойгензихт В.А. Избранные труды. – Душанбе, 2019. – 740 с.

[9] Ниг.: Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательства: теория и правовое регулирование. – Душанбе, 2007. – 360 с.; Раҳимзода М.З. Соҳибкории инфиродӣ: барқароршавӣ, инкишоф ва танзими ҳуқуқӣ / М.З. Раҳимзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди конунгузории сохибкорӣ, тиҷорати ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18-уми майи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 43-49; Раҳимзода М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои ҷараёни рушди қонунгузории гражданӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон / М.З. Раҳимзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар мавзуи «20 соли Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳуқуқ ва иқтисод» (11 октябри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 8-13.

[10] Ниг.: Сангинов Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография. – Душанбе, 2019. – 320 с.

[11] Ниг.: Султонова Т.И. Свобода договора и пределы императивности гражданско-правовых норм в законодательстве Республики Таджикистан / Т.И. Султонова // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. – 2020. – №2 (30). – С. 160-166.

[12] Ниг.: Тагайназаров Ш.Т. Принципы гражданского права / Ш.Т. Тагайназаров // Вестник цивилистики. Спец. выпуск. – Душанбе, 2007. – С. 7-17; Тагайназаров Ш.Т. Гражданско-правовое регулирование личных неимущественных прав граждан в СССР / Отв. ред. Ойгензихт В.А. – Душанбе: Дониш, 1990. – 213 [1] с.

[13] Ниг.: Ҳуқуқи гражданӣ. Қ. 1 / Зери таҳр. проф. О.У. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 400 с.

[14] Ниг.: Пирзода П.Р. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо: дис. … номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – 198 с.; Насрутдинзода Қ.Ш. Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ: дис. … номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 213 с.; Ризокулов Т.Р. Состояние и тенденции развития предпринимательства в Республике Таджикистан. Монография / Регулирование деятельности субъектов малого предпринимательства в начале XXI века: мировой опыт: коллективная монография – Томск: Издательский Дом Томского государственного университета, 2020. – С. 215-223; Умаров Ҳ. Аз дурӯғи омор то омилҳои фирори соҳибкорон аз Тоҷикистон / Ҳ. Умаров // Тоҷикистон. – 8 январи соли 2020. – №1-2 (1357). – С. 12-13.

Белих[15], Д.Е. Богданов[16], Е.Е. Богданова[17], И.В. Ершова[18], Г.Б. Зубковский[19], А.А. Лукянтсев[20], Б.И. Пугинский[21], С.В. Сарбаш[22], А.Е. Шерстобитов[23] ва дигарон.

Дар шароити муосири рушд ва танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, новобаста аз чунин таваҷҷуҳи олимон ба масъалаҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, таҳқиқоти маҷмуавӣ ва омӯзиши онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз гузаронида нашудааст. Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ корҳои маҷмуавии илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳлилҳои ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои назария ва амалияи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи қонунгузории амалкунанда мавҷуд нестанд. Таҳқиқоти мазкур аз нуктаи назари илмӣ ва амалӣ ҷиҳати бартараф намудани норасоиҳоюу камбудиҳои ошкоршуда зимни танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ имкон медиҳад ва ба ин васила ба илми ҳуқуқии ватанӣ саҳм гузошта метавонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, инчунин кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар мавзуи «Таъмини ҳуқуқии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шудаанд. Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, дар доираи масъалаҳои ҳуқуқшиносӣ алоқаманд мебошад.

---

[15] Ниг.: Белых, В. С. Гражданско-правовое обеспечение качества продукции, работ и услуг. Дисс... д-ра юрид. наук. 12.00.03. – Екатеринбург, 1994. – 398 с.

[16] Ниг.: Богданов Д.Е. Справедливость как основное начало гражданско-правовой ответственности в Российском и зарубежном праве. Монография. – М.: Проспект, 2013. – 386 с.

[17] Ниг.: Богданова Е.Е. Субсидиарная ответственность. Проблемы теории и практики. Монография. – М., 2003. – 362 с.

[18] Ниг.: Современное предпринимательское право. Монография / Отв. ред. проф. И.В. Ершова. – М.: Проспект, 2014. – 428 с.

[19] Ниг.: Зубковский Г.Б. Гражданско-правовая защита прав предпринимателей в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – 196 с.

[20] Ниг.: Лукьянцев А.А. Ответственность при осуществлении предпринимательской деятельности в гражданском законодательстве России: теория и судебная практика: дис. … д-ра юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2006. – 396 с.

[21] Ниг.: Пугинский Б.И. Ответственность хозяйственных организаций и их руководителей. – М.: Знание, 1981. – 188 с.

[22] Ниг.: Сарбаш С.В. Обязательства с множественностью лиц и особенности их исполнения. Монография. – М., 2004. – 288 с.

[23] Ниг.: Шерстобитов А.Е. Гражданско-правовая охрана прав потребителей: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 1992. – 388 с.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ аз таҳлили маҷмуавии ниҳоди танзими ҳуқуқии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, таҳқиқи ҷабҳаҳои амалӣ оид ба такомули он ва таҳияи тавсияҳо оид ба таъмини ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузории амалкунанда иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда дар диссертатсия вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

– таҳқиқи асосҳои консептуалии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ, омӯзиши намудҳо ва хусусияти он, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд;

– муайян намудани муаммоҳои назариявии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкорӣ;

– омӯзиш ва низомбандии ақидаҳои гуногуни илмии олимони сивилист дар бораи масъалаҳои таҳқиқшаванда;

– асосноккунии назариявии мақсаднокӣ ва аҳаммияти амалии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда дар доираи масъалаҳои таҳқиқшаванда;

– гузаронидани таҳлили муқоисавии меъёрҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва дар асоси он муайян кардани хусусияти фарқкунандаи онҳо аз меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ оид ба ҷавобгарӣ;

– гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии меъёрҳои қонунгузории баъзе давлатҳои хориҷаи узви ИДМ, ки муносибатҳои ҳуқуқиро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ба танзим медароранд;

– арзёбии меъёрҳои қонунгузории амалкунанда дар фаъолияти соҳибкорӣ, ки институти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро танзим мекунанд;

– асоснок намудани зарурати истифодаи суғурта ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ;

– таҳлил ва муайян намудани алоқамандии муаммоҳои танзими ҳуқуқии соҳибкорӣ бо хусусияти хоси ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ;

– арзёбии самаранокии татбиқи қонунҳо мувофиқи қонунгузории мурофиавии амалкунанда ва асоснок кардани зарурати такмили истифодаи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, ки татбиқи онҳо бо ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд аст.

**Объекти таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муносибатҳои ҳуқуқие бахшида шудааст, ки бо ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муомилоти маданӣ, алалхусус дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчунин механизми татбиқи меъёрҳои қонунгузории

Тоҷикистон оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ дар гардиши молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ амалӣ мегардад, алоқаманд мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории мадании хориҷӣ, амалияи истифодаи онҳо, инчунин доктринаи илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаҳои назария ва амалияи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шудааст. Он се марҳиларо дар бар мегирад: ҷамъоварии мавод, таҳия ва тасдиқи мавзуи тадқиқот (марҳилаи 1), иҷрои марҳилавӣ ва нақшавии кор (марҳилаи 2) ва тасвиби натиҷаҳои он (марҳилаи 3).

Иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ давраи солҳои 2015 то 2024-ро дар бар мегирад.

Ҷойи иҷрои кори мазкур кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе) ва кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (шаҳри Хуҷанд, вилояти Суғд) мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Заминаи назариявии таҳқиқотро асарҳои намояндагони барҷастаи илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия ва баъзе аз давлатҳои ИДМ, ки ҷанбаҳои гуногуни ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро дар фаъолияти соҳибкорӣ таҳқиқ карданд, ташкил медиҳад. Аз ҷумла, рӯоварӣ ба модел ва консепсияи илмӣ, ки дар корҳои олимони намоёни ватанӣ ва хориҷӣ инъикос ёфтааст, пеш аз ҳама бо таҳияи нокифояи ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқот дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ асоснок мегардад. Дар раванди ҳалли вазифаҳои гузошташуда, таҳқиқот ба натиҷаҳои бадастовардаи таълимоти на танҳо назарияи ҳуқуқ, балки ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, ҳуқуқи хоҷагии давраи шуравӣ ва пасошуравӣ такя карда шудааст. Ба онҳо олимони ҳуқуқшиноси зерин дохил мешаванд: С.С. Алексеев, М.И. Брагинский, С.Н. Братус, В.В. Витрянский, В.В. Гарамита, Ш.К. Ғаюрзода, В.П. Грибанов, Е.П. Губин, Е.А. Добролюбова, И.В. Ершова, А.В. Золотухин, О.С. Иоффе, Ш.М. Исмоилов, А.В. Краснов, Қ.Ш. Қурбонов, А.А. Лукянтсев, Н.С. Малеин, В.С. Мартемянов, М.А. Маҳмудзода (Маҳмудов), У.А. Меликов, Ш.М. Менглиев, В.А. Ойгензихт, О.М. Олейник, Г.Д. Отнюкова, В.Ф. Попондопуло, Б.И. Пугинский, Б.Х. Раззоқов, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзод, Т.И. Султонова, Е.А. Суханов, Ш.Т. Тағойназаров, Ю.А. Тихомиров, К.Ю. Тотев, О.У. Усмонов, Р.Ш. Шарофзода, Г.Ф. Шершеневич ва диг.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** низоми усулҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқ мебошад. Асоси методологии таҳқиқотро низоми усулҳое ташкил медиҳанд, ки онҳоро ҳамчун умумӣ, мантиқӣ, расмӣ-мантиқӣ тасниф мекунанд.

Дар асоси усули низомнокии таҳкиқ масъалаҳои марбут ба объектҳои гуногуни ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ пай дар пай омӯхта шуданд. Дар доираи қисми амалии таҳқиқот усули сотсиологӣ, аз ҷумла ҷамъоварӣ ва таҳлили маводҳои амалиявӣ оид ба татбиқи ҳуқуқ низ истифода шудааст.

Дар таҳқиқот инчунин усули махсуси муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудааст. Бо истифода аз он таҳлили муқоисавии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории баъзе кишварҳои хориҷӣ оид ба масъалаҳои таҳқиқшаванда гузаронида шуд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикӣ ва пояи таҳқиқотро қарорҳо ва муқаррароти мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарҳи таҷрибаи судӣ, натиҷаҳои пурсиши сотсиологӣ, ғайр аз ин далелҳое, ки дар адабиёти илмӣ ва матбуот инъикос ёфтаанд, маълумоти оморӣ ташкил додаанд. Заминаи назариявии кори диссертатсионӣ оид ба муаммоҳои таҳқиқшаванда имкон дод, ки нуктаҳои илмии пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва тавсияҳо илман асоснок карда шаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии назарияи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии он, инчунин таҳияи тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили институти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ мутобиқи воқеияти муосири фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Кори диссертатсионӣ, ки таҳқиқоти маҷмуавии монографӣ мебошад, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар бар мегирад. Дар он ба муаммоҳое, ки дар самти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ҷой доранд, ҳамчунин ба танзими ҳуқуқии онҳо диққати махсус дода шудааст.

Дар доираи таҳқиқи хусусияти ҳуқуқии танзими ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ таҳлили ҳуқуқӣ-муқоисавии қонунгузории амалкунандаи баъзе аз давлатҳои узви ИДМ гузаронида шудааст.

Дар диссертатсия кӯшиши асоснок кардани нуктаҳои илмӣ, ки ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро дар сатҳи қонунгузорӣ ва асосҳои пайдоиши онро дар раванди амалишавии фаъолияти соҳибкорӣ муайян мекунанд, анҷом дода шудааст.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаклҳо ва намудҳои ҷавобгарӣ, ки ба соҳаи амалкарди фаъолияти соҳибкорӣ хосанд, ба низом дароварда шуда, баробарвазнии меъёрҳои императивӣ ва

диспозитивӣ, ки муносибатҳоро дар соҳаи ҷавобгарӣ танзим мекунанд, инъикос карда шудааст.

Таҳқиқот таҳлили қонунгузории мурофиавӣ, алалхусус меъёрҳои Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи татбиқи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва дурнамои таъмини ҳифз ва барқарорсозии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектони фаъолияти соҳибкориро фаро гирифтааст. Дар ин самт амалияи судӣ оид ба масъалаҳои истифодаи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ ва таҳқиқ карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, аз инҳо иборатанд:

1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкориро ҳамчун фаъолияти амалии субъектони алоҳида дар соҳаи муносибатҳо оид ба муомилоти молумулкӣ, маҳсулот, кор ва хизмат муайян менамояд. Ба даст овардани фоидаи мунтазам ҳадафи асосии ин намуди фаъолият буда, дар ҷараёни он манфиатҳои тарафҳо, аз ҷумла манфиатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-ҳуқуқӣ ба назар гирифта мешаванд.

Аломатҳои фаъолияти соҳибкорӣ, чун таваккалӣ ва ҷавобгарии молумулкӣ, пояи молумулкӣ ё молиявӣ барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ; ташаббускорӣ, бақайдгирии фаъолият дар мақомоти дахлдор эътирофи умум шудаанд. Доштани малака ё касби муайян низ ба нишонаҳои фаъолияти соҳибкорӣ дахл дорад.

2. Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ муносибатҳои ҳуқуқиро дар назар дорад, ки аз ҳуқуқвайронкуниҳо бармеоянд ва мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ барои шахсе, ки қонуншиканиро содир кардааст, оқибатҳои номатлуби шахсӣ-молумулкӣ ба вуҷуд меоранд.

Дар навбати худ, оқибатҳои номатлуби хусусӣ-молумулкии ҳуқуқвайронкунӣ барои субъектони фаъолияти соҳибкорӣ хусусияте доранд, ки маҳдудияти мақоми ҳуқуқии соҳибкор ва инчунин маҳрум кардани пурраи фаъолияти субъектро тавсиф мекунанд. Дар натиҷа, оқибатҳои вобаста ба шароити номусоид барои шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунӣ ба вуҷуд меоянд. Оқибатҳо пеш аз ҳама ба соҳаи хусусӣ-молумулкии субъект дахл доранд.

3. Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соҳаи фаъолияти соҳибкориро танзим мекунад, аломатҳои хоси ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд. Дар байни онҳо метавон инҳоро ҷудо кард:

– бо меъёрҳои қонунгузории маданӣ, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (масалан, дар банди 2 моддаи 173 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМИ ҶТ), банди 2 моддаи 211 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии

Тоҷикистон (КММ ҶТ), моддаи 101 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра) пешбинӣ шудааст, ва ғайра;

– ба субъект, ҳам барои амалҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома ва ҳам барои беамалии он вогузор карда мешавад;

– бо татбиқи тадбирҳо нисбат ба таъсиррасонии молу мулкӣ ба субъектони муносибатҳои соҳибкорӣ-ҳуқуқӣ тавсиф карда мешавад;

– ҳамчун натиҷаи рафтори ғайриқонунии шахсони дар муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ иштироккунанда, ки дар меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ё шартҳои шартномаҳо пешбинӣ шудаанд, метавонад ба миён ояд;

– ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ, ба истисноий ҳолатҳои ихтиёран ба зиммаи худ гирифтани чунин ҷавобгарӣ аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда баромад мекунад. Истифодаи чораҳои ҷавобгарӣ бо мақсади худмуҳофизати ҳуқуқҳои маданӣ низ дахл дорад, масалан, мувофиқи муқаррароти моддаи 11 КМ ҶТ, гузошта шудани байъона;

– дар назди шаҳрвандон ва ташкилот дар ҳолатҳое, ки рафтори номатлуб оқибатҳои манфии молумулкиро пеш меорад, ба миён меояд;

– ҷиҳати барқароркунии ҳуқуқҳои вайроншудаи тарафи ҷабрдида ва ё ҷуброн кардани ҳуқуқи гумшуда вазифаҳо мегузорад;

– ба барқарор кардани хуқуқҳои маҳрумгаштаи шахс, ки қонунҳоро вайрон кардааст, мусоидат менамояд, чораҳои вогузор кардан ё зиёд гардонидани уҳдадории маданӣ; барҳам додани шахси ҳуқуқӣ бо тартиби маҷбурӣ, аз ҷумла бо истифодаи механизми муфлисшавӣ мувофиқи пешбининамудаи қонун; қатъи фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ва дигар чораҳоро дарбар мегирад;

– бо мувофиқати андозаи зарари расонидашуда ба андозаи ҷавобгарӣ тавсиф карда мешавад, таносуби қонунгузорӣ бо моддаҳои 453, 454, 456 КМ ҶТ ва ғайра пешбинӣ карда мешавад;

– хусусияти тарбиявӣ дорад ва ба ин васила ба муътадилгардонии гардишот дар ҷомеаи маданӣ бо намунаҳои оқибатҳои манфӣ ба шахсоне, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ додаанд, таъсир мерасонад, метавонад ба субъектҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои худ аз ҳама гуна қонуншиканиҳо эътимод бахшад;

– дар натиҷаи содир кардани кирдори гунаҳкорона ба вуҷуд меояд (сархати 1 моддаи 462 КМ ҶТ). Аммо қонун баъзе истисноҳоро аз қоидаҳои марбут ба ҷавобгарӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ менамояд (банди 3 моддаи 462 КМ ҶТ);

– бо санксия хислатҳои умумӣ дорад, гарчанде ки мафҳуми охирин аз ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ васеътар аст. Ба сифати далелҳо метавон мисол овард, ки ситонидани ашёи бегона ҳангоми виндикатсия, маҷбур кардани иҷрои вазифа дар асл на ба чораҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, балки эҳтимолан ба санксияҳо дахл дорад. Илова бар он, тасаввур кардани чораи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, ки дар шакли санксия ифода намегардад, ғайриимкон аст;

– барои ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ кашидани ҳуқуқвайронкунанда ташаббуси шаҳрванди ҷабрдида – соҳибкори инфиродӣ, шахси ҳуқуқӣ ва давлат талаб карда мешавад.

4. Ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ омилҳои устувори бунёдӣ хос мебошанд. Шарти муҳими ин омилҳо таъсиси ниҳоди ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолияти самараноки он мебошад. Ин омилҳо бо меъёрҳои қонунгузорӣ, меъёрҳои дар шартномаҳо пешбинишуда ва инчунин тасаввуроти субъектон оид ба адолат муайян мегарданд. Ба он ҳолати ҷавобгарии бегуноҳии соҳиби манбаи хатари баландро мисол овардан мумкин аст, ки дар банди 2 моддаи 1204 КМ ҶТ ишора гардидааст.

5. Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми шартҳои муайян ба миён меояд, дар ҳоле ки соҳибкорони инфиродӣ ё шахсони ҳуқуқӣ ба амал ва ё беамалӣ роҳ медиҳанд, нисбати кадоме ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор тибқи қонун дар асоси далели ҳуқуқӣ чораҳои муайяни ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ гузошта мешаванд. Чун шартҳои асосии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ расонидани зарар ба шахси дигар, пайдоиши гуноҳи ҳуқуқвайронкунанда, рафтори ғайриқонунӣ, робитаи сабабӣ-оқибатии кирдор бо зарари ба ҷабрдида расонидашуда ҳисобида мешавад.

6. Бо мақсади такомули меъёрҳои ҳуқуқӣ, талабот нисбати субъектони фаъолияти соҳибкорӣ қонунгузор бояд мазмуни банди 5 моддаи 9 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун асос қабул намояд: «Амали оқилона, одилона ва бовиҷдононаи иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар назар дошта мешавад» ва ба қонунгузории амалкунанда, хусусан ба як қатор моддаҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид намояд.

Асоснок мегардад, ки ба рушди амалишавии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Мувофиқи ин, дараҷаи дарки ҷавобгарӣ дар назди истеъмолкунандагон, ҷомеа, давлат дар маҷмуъ ва ҷавобгарии давлат дар назди соҳибкорон баланд мешавад. Тағйироти пешниҳодшудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ имрӯз дар Тоҷикистон ба мақсаду ҳадафҳои гузоштаи давлат, аз ҷумла таъмини ҳифзи амнияти озуқаворӣ комилан мувофиқат мекунанд. Вобаста ба ин ҳадафҳо, ворид намудани тағйиру иловаҳо, ки дар зерин ифода меёбанд, мақсаднок аст:

1) банди 1 моддаи 524 КМ ҶТ (Уҳдадории фурӯшанда оид ба супоридани мол) дар таҳрири зерин оварда шавад: «Фурӯшанда уҳдадор аст, ки молҳои босифати дар шартномаи хариду фурӯш пешбинишударо ба харидор софдилона супорад»;

2) банди 1 моддаи 537 КМ ҶТ (Сифати мол) дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Фурӯшанда уҳдадор аст молеро, ки сифати он ба шартномаи хариду фурӯш мувофиқат мекунад, ба истеъмолкунанда бо риояи принсипи оқилона ба харидор софдилона супорад»;

3) банди 1 моддаи 560 КМ ҶТ (Шартномаи хариду фурӯши чакана) дар таҳрири зерин оварда шавад: «Тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана, фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамояд, уҳдадор мешавад, ки дар асоси принсипҳои оқилона, одилона ва бовиҷдонона ба харидор молҳоеро диҳад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, маишӣ ё навъи дигари истифода таъин гардидаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд»;

4) моддаи 571 КМ ҶТ (Ҷавобгарии фурӯшанда ва дар шакли асл иҷро намудани уҳдадорӣ) бо ворид намудани тағйирот дар таҳрири зерин оварда шавад: «Ҳангоми аз ҷониби фурӯшанда иҷро накардани уҳдадории шартномаи хариду фурӯши чакана ё иҷрои беинсофонаи он ҷуброни зиён ва пардохти ноустуворона фурӯшандаро аз уҳдадории дар шакли асл иҷро намудани он озод намекунанд».

7. Моҳияти худи фаъолияти соҳибкорӣ ва самаранокии он бе иштироки фаъолонаи шаҳрвандон-истеъмолкунандагон ғайриимкон аст. Рушди бомуваффақияти соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби истеъмолкунандаи маҳсулот, хизматрасонӣ ва корҳо арзёбӣ карда мешавад. Яке аз механизмҳои баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ таъмини ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон мебошад. Аз ин рӯ, фаъолияти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Зеро чораҳои ҳуқуқии ҳифзкунандаи тибқи қонун пешбинишуда ба монанди ҷуброни зарар, зиён, ноустуворона (ҷарима, пеня), зарари маънавӣ, фоидаи аз даст додашуда аз механизми ба таври возеҳ ба роҳ мондашудаи татбиқи сиёсати давлатӣ вобаста мебошад. Аммо барои фаъолияти чунин механизм дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти Тоҷикистон андешидани як қатор тадбирҳои ҳуқуқӣ дуруст ҳисобида мешавад.

Ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон қонунгузор дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз соли 2004 ба қадри кофӣ таваҷҷуҳ зоҳир накардааст. Бо дарназардошти ба инобат гирифтани муқаррароти асосии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар марҳилаи муосири рушди муносибатҳои бозорӣ, чунин мешуморанд, ки қонунгузор бояд ба қонуни амалкунанда оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон моддаи алоҳида – «Принсипҳои асосии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» илова намояд. Амалишавии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ асосан аз принсипҳои афзалияти ҳуқуқҳо, озодиҳои шаҳрвандон; қонуният ва ҷавобгарии истеҳсолкунандагон, фурӯшандагон, хизматрасониҳо, фаъолияти оқилона, одилона ва софдилонаи онҳо; ошкорбаёнӣ ва шаффофият, озодона иттилоъ додани далелҳои вайронкунии ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ВАО, баҳисобгирии афкори ҷамъиятӣ; илмӣ ва касбият вобаста аст.

8. Дар шароити муосири бозорӣ, татбиқи амалии қоидаҳои ҷуброни зарар, мутаассифона, он қадар маъмул нест. Сабаби он танзими нопурра ва аниқ, номушаххаси ин масъала дар қонунгузории амалкунанда мебошад. Дар робита ба ин, зарур аст, ки моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бо муқаррароти мазмуни зерин пурра карда шавад: «Фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) уҳдадор аст, ки зарар (зарари воқеӣ)-ро ба истеъмолкунанда ихтиёран ё бо тартиби судӣ ҷуброн намояд, агар ин зарар дар натиҷаи фурӯши молҳои пастсифат, ки қаблан аз ҷониби фурӯшанда огоҳ нашуда буд, расонида шуда бошад».

9. Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар якчанд шаклҳо пешбинӣ мегардад, ки яке аз онҳо ноустуворона ва ситонидани он мебошад. Ситонидани ноустуворона (ҷарима) роҳи аз ҳама таъсирбахши ҷазо додани соҳибкор дар доираи истеҳсолот, савдо ва хизматрасонӣ маҳсуб меёбад. Аммо табиати ҳуқуқии он дар соҳаи ҳифзи истеъмолкунандагон дуруст таҳқиқ нашудааст ва равиши махсусро талаб мекунад. Дар қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон андозаи ноустуворона муайян карда шудааст. Масалан, ҳангоми вайрон кардани муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартнома, инчунин муҳлатҳои нав, ки тибқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» таъин шудаанд, иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар рӯзи таъхир ҷарима месупорад. Андозаи ҷарима (пеня), дар баъзе ҳолатҳо дар қонунгузорӣ дар шакли қатъӣ ва муайян пешниҳод карда мешавад. Масалан, барои иҷро накардани талаботи қонунии истеъмолкунанда ҳангоми фурӯши молҳо барои ҳар рӯзи таъхир 1 фоизи ҷарима пешбинӣ шудааст. Илова бар он, дар шартнома андозаи он кам карда намешавад, зеро он ба қонуни амалкунанда мувофиқат намекунад.

Амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин амалияи судӣ шаҳодат медиҳад, ки ситонидани ҷарима бо иҷрои номатлуби уҳдадории соҳибкор дар назди истеъмолкунанда алоқаманд аст. Маҳз аз сатҳи нокифояи шуури ҳуқуқии соҳибкорон, ки ба саводнокии пасти ҳуқуқии онҳо дар бораи уҳдадориҳои худ асос ёфтааст, нобоварӣ нисбати ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ба вуҷуд меояд. Қариб бисёре аз соҳибкорон аксар вақт аз пардохти маблағи молҳои пастсифат бо тартиби ҷуброни зарар саркашӣ мекунанд, ба истисnoи пардохти ҷарима. Ба андешаи муаллиф, дар Тоҷикистон набудани тавсияҳои қонунгузор оид ба татбиқи амалии меъёрҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми татбиқи адолат татбиқи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниро душвор мегардонад.

Дар ҷараёни ситонидани ноустуворона судяҳо баъзан бо эътиқоди ботинии худ роҳнамоӣ мекунанд ва ҳолатҳое мешаванд, ки ҳангоми баровардани қарор беасос аз қонеъ кардани талаботи ситонидани ноустуворонаро намебинанд, зеро онро унсури ҳатмии барқароркунии ҳуқуқи вайроншуда намешуморанд.

Дар ин замина, қонунгузор бо мақсади такмил додани таҷрибаи судӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бояд таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафтаро қабул намуда, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро аз қабили «Дар бораи тартиби қабули аризаҳо ва амалияи баррасии парвандаҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба роҳ монад. Чунин иқдом бояд дар асоси ба низом даровардани натиҷаҳои мусбат ва манфии фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоии судҳо амалӣ гардад.

10. Ниҳоди ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонунгузории амалкунанда пешбинӣ ва ба танзим даровarda шудааст. Натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии асосҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар кишварҳои ИДМ имкон медиҳад, ки оид ба мавҷудияти меъёрҳо ва мавқеъи пешқадам дар баъзе аз кишварҳои он хулоса бароварда шавад.

Омӯзиши таҷрибаи меъёрэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ дар баъзе аз давлатҳои ИМД, ба монанди Федератсияи Русия, Ҷумҳуриҳои Беларус, Казоқистон, Узбекистон, Кирғизистон ва дигар, ба хулоса меорад, ки саривақтӣ, мақсаднокии такмили қонунгузории низоми миллӣ амалӣ гардида бошад. Ба мақомоти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ зарур аст, ки таҷрибаҳои пешқадами баъзе аз кишварҳои пасошуравиро қабул намуда, татбиқ созанд. Пешқадамии меъёрҳои ҳуқуқии онҳо дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ ва амалишавии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар он инъикос мегардад, ки онҳо баҳри таъсиси муҳити боз ҳам мусоиду мувофиқ, таъмини рушди устувор, ҷавобгарии ҳамаи субъектон байни ҳамдигар, аз ҷумла давлат дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар равона карда шудаанд.

11. Дар марҳилаи муосири рушди муносибатҳои шартномавӣ ҷуброни зарари маънавӣ яке аз шаклҳои муассири ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчунин дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мебошад. Қонун пешбинӣ мекунад, ки ҷавобгарии истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда, ташкилоти ваколатдор ё соҳибкори инфиродӣ, воридоткунанда) дар шакли ҷуброни зарар, пардохти ноустуворона (пеня) ва ҷуброни зарари маънавӣ ба миён меояд.

Дар шароити амалкарди механизми иқтисодиёти бозорӣ ва қонуни асосии он, фаъолгардии талаботу таклифот ба ҳуқуқ ва

манфиатҳои истеъмолкунанда қонунан кафолат дода мешаванд. Маҳз бо рушди муносибатҳои бозорӣ дар қонунгузории ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ҳама гуна меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки бо ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, аз ҷумла ҷуброни зарари маънавӣ алоқаманданд, пешбинӣ карда шудааст.

Таҳлили муқоисавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба хулоса меорад, ки ҷуброни зарари маънавӣ ба истеъмолкунандагон хусусияте дорад, ки он бо ранҷу азобҳои ҷисмонӣ ва ақлонӣ (зарари маънавӣ) алоқаманданд. Яъне, зарари маънавие, ки дар натиҷаи хариди маҳсулот, мол (кор ва хизматрасонӣ)-и на бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд, балки барои эҳтиёҷоти шахсӣ, маишӣ ва хонагӣ ба истеъмолкунанда расонида шудааст. Ҳангоми муайян кардани зарари маънавӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз ҷониби қонунгузор бояд ба назар гирифта шавад, ки он хусусияти шахсӣ дорад, ки бо шуур ва ҷаҳони ботинии худи истеъмолкунанда алоқаманд аст, комилан инфиродӣ аст ва онро дар шакли пулӣ пешакӣ арзёбӣ кардан мумкин нест. Онро метавон ҳамчун кӯшиши паст кардани басомади зарар ё кам кардани зарари маънавие, ки ба ҳолати муқаррарӣ ва устувори истеъмолкунанда расонида шудааст, тавсиф кард.

12. Яке аз соҳаҳои муҳими танзим ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон соҳаи хизматрасонии таълимӣ мебошад. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ, дар аксари ҳолатҳо, таҳсилот тавассути бастани шартнома, яъне муносибатҳои шартномавӣ пешниҳод мегардад. Дар ин соҳа меъёрҳои қонун ҷавобгарии баландро дар ҳолатҳое пешбинӣ мекунанд, ки иҷрокунанда ҳангоми иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ уҳдадориро иҷро накардааст ё ба таври номуносиб иҷро кардааст (банди 2 моддаи 857 КМ ҶТ). «Ҷавобгарии баланд», ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ зикр шудааст, ба назари муаллиф, ба иштибоҳ оварда мерасонад. Меъёрҳои қонунгузории амалкунанда дар соҳаи маориф, ки дар онҳо ба ҷавобгарӣ кашида шудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи қонун пешбинӣ шудааст, ҷолиби диққатанд (моддаи 67 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»).

Тавре маълум аст, сифати таълим, роҳҳои рушд ва такмили равандҳои таълим дар ҳама кишварҳо аз танзими мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ вобастагии калон доранд. Рушди инсон, ошкор намудани иқтидори ҷамъиятии ӯ бечунучаро бо таҳсилоти гирифтааш зич алоқаманд аст. Зеро рушди самараноки нерӯйи инсонӣ ва вобаста ба он ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар иқтисодиёти кишвар аз ташкили дурусти раванди таълим, асосҳои ҳуқуқии он вобаста аст.

13. Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва татбиқи он дар соҳаи фаъолияти соҳибкории сармоягузорӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими таҳқиқот боқӣ мемонад. Қонунгузории амалкунанда ва танзими соҳаи

фаъолияти сармоягузорӣ тавачҷуҳи доимӣ ва илова бар он такмилро талаб мекунад. Сиёсати давлатӣ, дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, бояд ба фароҳам овардани фазои мусоид (ҳуқуқӣ, иқтисодӣ) дар кишвар равона карда шавад.

Қонунгузории муосир дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ дар Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ қонунҳои зиёдеро дар бар мегирад. Муқоисаи меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар ин соҳа баъзе хусусиятҳоро муайян менамояд. Аз ин рӯ, меъёрҳои қонунгузории Тоҷикистон дар бораи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ муқарраротеро дар бар мегиранд, ки принсипҳои баробарҳуқуқиро ҳангоми танзими ҳуқуқии сиёсати сармоягузории давлат, фаъолият дар соҳаи иқтисодиёти миллӣ ба назар намегиранд.

Ҳамкории давлат бо бахши соҳибкорӣ бояд ба ҳамдигарфаҳмӣ ва баҳамалоқамандии манфиатҳои тарафҳо асос ёбад. Ин маънои онро дорад, ки давлат ҳангоми татбиқи равандҳои иқтисодӣ манфиати муайянеро дорад, ки бо иҷрои самараноки вазифаҳояш дар соҳаи соҳибкорӣ алоқаманд аст.

Моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 «Дар бораи сармоягузорӣ» муқарраротеро пешбинӣ менамояд, ки тибқи он давлат баробарии байни сармоягузорони хориҷӣ ва ватаниро кафолат медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки ҳуқуқи сармоягузорон аз рӯйи шаҳрвандӣ, миллат, забон, ҷинс, нажод ва эътиқоди динии онҳо табъиз карда намешавад. Аммо ин мавқеъ ба воқеият комилан мувофиқат намекунад. Ба андешаи муаллиф, чунин номутобиқатӣ бо як қатор омилҳо алоқаманд аст.

Аввалан, мазмуни банди 2 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (Кафолатҳои иловагӣ ва чораҳои муҳофизатӣ метавонанд ҳангоми сармоягузорӣ дода шаванд, ки ҳаҷми умумии онҳо ба панҷ миллион доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо пули миллӣ баробар аст) асос медиҳад, ки агар сармоягузорӣ дар ҳаҷми камтар аз маблағи ишорашуда ба амал бароварда шавад, давлат кафолати умумӣ медиҳад.

Дуюм, бо баробари кафолати давлатӣ байни сармоягузорон асоснок гардидан, ба табъизӣ вобаста ба мустақилияту қобилияти онҳо роҳ дода намешавад ва мақсаднок ҳисобида мешавад, ки ба меъёрҳои моддаи 7 Қонуни Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Сеюм, танзими ҳуқуқии дар иқтисодиёти кишвар ташаккулёфта бо усулҳои ҳукмронии шахсони мансабдор ва салоҳиятдори мақомоти давлатӣ дар рушди фаъолияти сармоягузорӣ ба оқибатҳои номатлуб оварда мерасонад. Ҳисобида мешавад, ки маҳз набудани механизми татбиқи ҷавобгарӣ, аз ҷумла ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи

фаъолияти сармоягузорӣ ба густариши бемасъулиятӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияи соҳибкорӣ оварда мерасонад.

14. Таҳлили муқоисавии қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ хулосаеро ба миён меорад, ки барои рушди ин соҳа давлат бояд корҳои зиёдеро анҷом диҳад. Чунончӣ, зарурати дастгирии давлатии соҳибкорӣ (хурду миёна) бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар Тоҷикистон яке аз вазифаҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Барои он тамоми асосҳо мавҷуд буда, он махсусан бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2014 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» кафолат дода мешавад (моддаҳои 14, 18).

Бо мақсади фаъолияти такомулёфтаи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, дар баробари ин, аз соҳибкорон-сармоягузор бояд талаб карда шавад, ки маълумоти заруриро оид ба назорати иҷрои талабот ва стандартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории миллӣ пешниҳод намоянд. Ҳамчунин, дар ин самт, давлат ҳуқуқ дорад бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон чораҳои зарурӣ андешад, алахусус ҳуқуқ дорад ширкати сармоягузорро аз имконияти ба амалбарории аҳдҳо дар қаламрави кишвари қабулкунанда маҳрум созад.

15. Бо мақсади ташкил ва таъмини фазои муътадили соҳибкорӣ ва назорати беҳсозии фаъолияти онҳо байни мақомоти назораткунандаи давлатӣ, мақомоти идоравӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти танзимкунанда бояд дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ҳамкорӣ (шарикӣ) пешбинӣ ва амалӣ карда шавад. Бо меъёрҳои конститутсионӣ кафолат дода шудааст (моддаи 73 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки дар Тоҷикистон роҳбарии самарабахши соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вобаста ба ин, иҷрои қонунҳо, амрҳо ва фармонҳои Президенти Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумат дар амал таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ, хукумат бояд барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ муҳити мусоид фароҳам орад.

Дар робита ба ин ҳисобида мешавад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2015 «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» дар қисми банди 25 моддаи 10 ворид кардани тағйиру иловаҳо мувофиқи мақсад мебошад. Яъне, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатӣ барои амнияти миллӣ ва ҳифзи фаъолияти субъектҳои тафтишшавандаи хоҷагидор, аз ҷумла дар соҳаи сармоягузорӣ ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ мебарад. Мутаносибан, пешниҳод мегардад, ки матни моддаи 44-и Қонун («Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур») чунин илова карда шавад: «Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, шахсони мансабдори онҳо, дар баробари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани муқаррароти Қонуни

мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд».

16. Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон масъалаи мубрами замони муосир мебошад. Бахри такмил додани танзим ва амалишавии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, инчунин бо мақсади ҳалли вазифаҳо нисбати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон ба мақомоти қонунгузор пешниҳод карда мешавад, ки тавассути ворид намудан ва тағйир додани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2014 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» бо муқаррароти зерин мақсаднок мебошад:

1) Инфрасохтори дастгирии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ низоми мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ дар маҳалҳо, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин ассотсиатсияҳо, марказҳо ва агентиҳои рушди соҳибкорӣ, фондҳои дастгирии соҳибкорӣ, паркҳои илмӣ-техникӣ, марказҳои ҳунармандӣ, марказҳои иттилоотӣ-машваратӣ ва дигар ташкилотҳое мебошад, ки барои муҳайё сохтани шароити мусоид ҷиҳати ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ масъуланд. Аз ин рӯ, дар қонун механизми амалкарди ҷавобгарии маданӣ- ҳуқуқиро мустаҳкам кардан лозим аст.

2) Дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ бояд дар шакли дастгирии молиявии мақсадноки давлатӣ, ки аз ҷониби Фонди рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҷудо карда мешавад, инчунин дар мусоидати рушди молумулкӣ, иттилоотӣ, машваратӣ ҳангоми тайёрӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, ба роҳ мондани истеҳсолоти инноватсионӣ ва саноатӣ зоҳир карда шавад.

3) Ҳангоми тасдиқи барномаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, нисбати ташкилотҳое, ки барои ташаккули инфрасохтор оид ба дастгирии соҳибкорӣ масъуланд, бояд талабот пешбинӣ карда шавад. Ин ба барномаҳои давлатии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҳам, ки дар маҳалли мушаххас фаъолият мекунанд, дахл дорад. Инчунин, шартҳо ва тартиби пешниҳоди дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт низ хеле муҳим ба назар мерасанд.

4) Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намудани ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии шахсони мансабдори салоҳиятдори мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ дар қатори шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ» муҳим аст, бояд бешубҳа ва баробар муқаррар гардида, навишта шуда бошад.

17. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои Конститутсия (сархати 2 моддаи 32) ва Кодекси маданӣ (банди 1 моддаи 3 Кодекси мадании ҶТ) мустаҳкам гардидааст, ки дахолат ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ иҷозат дода намешавад. Дар ин замина, чунин

сатҳҳои ҳимояи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва манфиатҳои қонунии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи мақом ва мавқеи ҳуқуқии онҳо, ки бояд инъикоси худро дар қонунгузории амалкунанда пайдо карда бошад, мақсаднок ҳисобида мешавад:

а) механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва манфиатҳои қонунӣ аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ, шахсони мансабдори онҳо;

б) механизми ҳимоя аз амалҳои ғайриқонунӣ, ғайриҳуқуқӣ (беамалӣ)-и мақомоти давлатии андоз ва дигар мақомоти назоратии ҳокимият ва идоракунӣ;

в) механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва манфиатҳои қонунӣ аз амалҳои худсаронаи шахсони мансабдор, салоҳиятдори мақомоти давлатии худидоракунии маҳаллӣ;

г) механизми ҳимояи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва манфиатҳои қонунӣ аз вайронкунии дигар соҳибкорон, масалан, дар амалҳое, ки дар онҳо рақобати беинсофона, маҳдуд кардани рақобат ва ғайра зоҳир мешавад. Дар ин самт аз ҷониби мақомоти қонунгузор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ андешидани чораҳои мушаххас, маҷмуавӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва амалигардонии онҳо зарур аст.

18. Дар татбиқи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ суғурта ҳамчун шакли ҳимояи манфиатҳои молумулкии субъектони асосӣ баромад мекунад. Суғуртаи ҷавобгарии соҳибкорӣ бо хавф, таваккалии соҳибкорӣ алоқаманд аст, аммо дар замони муосир таъминоти ҳуқуқии ҳозираи суғурта дар ҷанбаи таҳқиқшаванда таҳияи иловагии механизмҳои танзим ва назорати давлатиро талаб мекунад.

19. Ғайр аз шакли судии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон, шаклҳои ғайрисудӣ, ба монанди ҳимояи нотариалӣ, мурофиаи судӣ, тартиби даъво ё пеш аз судӣ барои ҳалли баҳсҳо ва ҳалли онҳоро низ бояд номбар кард.

Дар ин самт зарур аст, ки сифати ҳалли баҳсҳои соҳибкорӣ ва иқтисодӣ бештар аз малакаҳои касбии ҳакамон, таҷрибаи судяҳои ҳакамӣ вобаста бошад. Дар қонунгузорӣ нисбати онҳо талаботи ҳатмӣ вобаста ба зоҳир намудани адолат ҳангоми ҳалли баҳс, беғаразии онҳо нисбати тарафҳо, розигии ихтиёрии иҷрои вазифаҳои касбии судяи ҳакамӣ ва ғайра гузошта мешавад.

Омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии танзим ва амалишавии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба хулосае меорад, ки ҳамаи шаклҳои ҳимояи ғайрисудии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон бояд дар асоси принсипҳои қонуният, махфият, мустақилият, беғаразӣ, диспозитивӣ, рақобати озод ва баробарии ҳамаи тарафҳо амалӣ карда шаванд. Чунин мавқеи қонунгузор имкон медиҳад, ки муносибатҳои корӣ, фаъолияти байниҳамдигарии тарафҳо тақвият дода шаванд, бештар аз он, онҳо ба ҳамкории самаранок ва

мутақобилан судманд дар бисёр соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар оянда равона карда шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда метавонанд барои таҳқиқи минбаъдаи илмӣ дар ин соҳа заминаи назариявӣ гарданд. Онҳо барои таҳқиқоти минбаъда ва рушди натиҷаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ аҳаммияти назариявӣ доранд. Аҳаммияти илмӣ инчунин дар он зоҳир мегардад, ки нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия назарияи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкориро пурра менамоянд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсия, ки бо такмили танзими давлатӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманданд, барои назария ва амалияи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ аҳаммияти илмӣ-методологӣ доранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш аз ҳама бо навгониҳои илмии он алоқаманд аст. Нуктаҳои илмии таҳқиқот метавонанд барои рушди минбаъдаи самти нав дар соҳаи таҳқиқшаванда чун ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ истифода шаванд. Консепсияи муаллиф оид ба назария ва амалияи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ метавонад барои такмили қонунгузории амалкунанда заминаи ҳуқуқӣ гардад. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва инчунин ҳангоми баррасии парвандаҳо аз ҷониби суди иқтисодӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми таълими фанҳо ба монанди «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», курсҳои махсус, инчунин ҳангоми омода кардани дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ мавриди истифода шуда метавонанд. Ғайр аз он, онҳо дар амалияи фаъолияти шаҳрвандон-соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муфиданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар корҳои монографӣ, мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия нашр шуда, дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ-тадқиқотӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро аз ҷумла самти амалии таҳқиқот, ҷамъбасти маводҳои амалӣ оид ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, қонунгузории миллӣ ва баъзе аз давлатҳои ИДМ тасдиқ менамоянд. Хулосаҳои илмии назариявӣ ва амалӣ манбаи муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳою пешниҳодоти муаллиф гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла муқаррароти назариявӣ, хулоса, нуктаҳои илмии асосии барои ҳимоя баровардашуда, инчунин тавсияҳои амалиро муаллиф мустақилона ба даст овардааст, асоснок гардонидааст ва баён кардааст. Инчунин он дар навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳалли масъалаҳои мубрами ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ оид ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи рушди доктринаи ватании ҳуқуқи соҳибкорӣ зоҳир мегардад. Илова бар ин, муаллиф тавсияҳои назариявӣ ва амалиро, ки ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда равона шудаанд, таҳия кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Кори таҳқиқотӣ дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳиякардаи муаллиф дар ҷаласаҳои кафедра якчанд маротиба муҳокима карда шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии миқёси байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ дар намуди маърӯзаҳо пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла дар:

**А) Байналмилалӣ:**

1) Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии иқтисодии Урал дар мавзуи «Муаммоҳои ҳамкориҳои ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ дар танзими муносибатҳои иқтисодӣ» – маъруза дар мавзуи «Муаммоҳои ҳуқуқии амалишавии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими муносибатҳои савдоӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Русия» (ш. Екатеринбург, 16 марти соли 2017);

2) Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии нафту гази Русия (Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ) ба номи И.М. Губкин дар мавзуи «Имл, маъориф, ҷавонон дар ҷаҳони муосир» – маъруза дар мавзуи «Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар Русия ва Тоҷикистон» (ш. Маскав, 19 майи соли 2017);

3) Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Урал дар мавзуи «хониши Якушевӣ», бахшида ба хотираи асосгузори мактаби сивилистика доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор В.С. Якушев – маъруза дар мавзуи «Хусусияти танзими ҳуқуқӣ ва ҳифзи рақобат дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ» (ш. Екатеринбург, 20 октябри соли 2017);

4) Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои мубрами ҳуқуқшиносии муосир: назария ва амалия» – маъруза дар мавзуи «Моҳияти ҳуқуқии асосҳои конститутсионӣ дар амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ дар баъзе аз давлатҳои Созмони Ҳамкориҳои Шанхай» (ш. Хуҷанд, 29-30 ноябри соли 2018);

5) Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар давраи истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии дастгирии давлатӣ ва ҷавобгарӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар баъзе аз давлатҳои ИДМ» (ш. Душанбе, 18 майи соли 2018);

6) Конференсияи V байналмилалии илмӣ дар мавзуи хониши Губкинӣ «Глобальные риски цифровой эпохи и образы будущего» – маъруза дар мавзуи «Аҳамияти ҳуқуқӣ ва нақши рушди соҳибкории хурд дар таъмини амнияти озуқаворӣ» (ш. Маскав, 4-5 апрели соли 2019);

7) Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Тошканд дар мавзуи «Масъалаҳои рушд ва такомули қонунгузории замини Ҷумҳурии Ӯзбекистон» – маъруза дар мавзуи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии идоракунии давлатӣ мувофиқи қонунгузории замин» (ш. Тошканд, 20 ноябри соли 2019);

8) Конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ дар мавзуи «Аккредитатсияи байналмилалӣ омили баланд бардоштани сифати таълим» – маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои танизми давлатии сифати хизматрасониҳо таҳсилотӣ» (ш. Хуҷанд, 30 сентябри соли 2020);

9) Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Масъалаҳои муҳимми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ» – маъруза дар мавзуи «Таъмини ҳуқуқии шарикии давлат ва бахши соҳибкорӣ дар татбиқи самтҳои асосии Стратегияи миллии рушд» (ш. Душанбе, 23-24 октябри соли 2020);

10) Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Институти ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Томск дар мавзуи «Образовательное право и законодательство: тренды и стратегия развития» – маъруза дар мавзуи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии татбиқи ҷавобгарии маданӣ мувофиқи қонунгузории соҳаи маориф» (шаҳри Томск, 25-26 феврали соли 2022);

11) Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «XIII Ломоносовские чтения», бахшида ба 115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов – маъруза дар мавзуи «Соҳаҳои танзими давлатии инноватсия мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 28-29 апрели соли 2023).

**Б) Ҷумҳуриявӣ:**

1) Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ дар мавзуи «Нақши технологияҳои иттилоотӣ дар баланд бардоштани сифати таълим» – маъруза дар мавзуи «Равзанаи ягона – сарчашмаи иттилооти инноватсионӣ дар қонунгузории соҳаи соҳибкорӣ» (ш. Хуҷанд, 5-6 апрели соли 2019);

2) Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Такмили қонунгузории зиддикоррупсионӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд» – маъруза дар мавзуи «Пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар татбиқи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ»; «Заруряти ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар фазои соҳибкорӣ» (ш. Хуҷанд, 4-5 феврали соли 2020);

3) Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилиҳо» – маъруза дар мавзуи «Оид ба масъалаҳои ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар қонунгузории муосири Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 31 марти соли 2020);

4) Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Муаммоҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайеҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» – маъруза дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ ба рушди ҳунарҳои мардумӣ» (ш. Душанбе, 8 октябри соли 2020);

5) Форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ дар мавзуи «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» – маъруза дар мавзуи «Моҳияти ҳуқуқии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонуни нави сайёҳӣ» (Хуҷанд, 11 декабри соли 2020);

6) Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба соҳаҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» – маъруза дар мавзуи «Ҷавобгарӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ мувофиқи қонунгузории Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 7 октябри соли 2021) ва ғайра.

7) Форуми II ҷумҳуриявии иқисодӣ дар мавзуи «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» – маъруза дар мавзуи «Нақши ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ тибқи қонунгузории Тоҷикистон»;

«Аҳамияти меъёрҳои қонунгузории ҳимояи рақобат дар рушди соҳибкорӣ» (Хуҷанд, 15 декабри соли 2022) ва ғайра ироа шудаанд.

Баъзе муқаррароти таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанни «Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ»; курсҳои махсуси «Муаммоҳои татбиқи ҷавобгарӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ», «Асосҳои ҳуқуқии амалӣ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ» барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мавриди истифода қарор доранд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар зиёда аз 100 кори муаллиф, аз ҷумла дар 4 монографияҳо, 87 мақолаҳои илмӣ, ки аз онҳо 23 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, ҳамчунин дар 12 маводҳои таълимӣ-методӣ инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, чор боб, ки дорои чордаҳ зербоб аст, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмиро дар бар мегиранд. Ҳаҷми умумии рисола аз 365 саҳифа иборат аст.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

**Дар муқаддима** мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объекту предмет, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаи эмпирикӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи дурустии натиҷаҳо, мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва истифодаи натиҷаҳои диссертатсия, интишорот дар мавзуи таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми рисола муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **«Табиати ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ»** – ба масъалаҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва хусусияти он дар фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шудааст. Дар он асосҳои таркибии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ аз нуктаи назари муносибати илмӣ-назариявӣ баррасӣ гардида, табиати ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар низоми меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда шуда, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, таҷрибаи татбиқи он гузаронида шудаанд.

Дар зербоби аввали боби якум – **«Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ: моҳият ва хусусияти он дар фаъолияти соҳибкорӣ»** – моҳият ва аҳаммияти ҷавобгарӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардидааст.

Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ яке аз унсури асосии муносибатҳои ҳуқуқи мадании соҳибкорӣ маҳсуб меёбад. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ соҳаи амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ аз лаҳзаи таъсиси он, ҳамчунин дар ҷараёни фаъолияти то барҳамдиҳӣ амали ниҳоди ҳуқуқии ҷавобгариро дарбар мегирад. Асоснок гардидааст, ки ҷавобгарӣ ин ҳолате мебошад, ки шахс уҳдадор аст барои амалҳои худ ҳисобот диҳад, ба зимаи худ кирдори гунаҳгоронаро нисбати иҷрои кори супоридашуда, уҳдадориҳоро қабул менамояд. Ҷавобгарӣ ин зарурият, уҳдадории шахс оид ба ҷавоб додан аз амали худ, кирдори худ, ки нисбати онҳо ҷавобгар буда, уҳдадор мебошад дар назди шахси ваколатдор аз рӯйи амалҳои худ ҳисобот диҳад. Ҳамин тавр, ҳар кадом субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, ки фаъолияти хоҷагидориро пеш мебарад, бояд барои ҳар кадом ҳуқуқвайронкунӣ, ҳамчунин нисбати оқибатҳои тамоми фаъолият ҷавобгариро дошта бошад. Вобаста аз мансубияти соҳавӣ чунин ҷавобгариро мумкин аст ба ҳуқуқӣ-соҳибкорӣ мансуб донист, зеро он ба ҳамаи субъектони ҳуқуқи соҳибкорӣ хос мебошад. Маълум аст, ки дар ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ ҳар шахс ҷавобгарии шахсӣ, инфиродӣ дорад. Чунин мавқеъ аз аломатҳои асосии худи фаъолияти соҳибкорӣ, яъне таваккалӣ, хатари субъекти фаъолияти соҳибкорӣ бармеояд. Таснифи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ гузаронида шудааст, ки байни онҳо ҷавобгарии молумулкӣ мавқеи алоҳида дорад.

Ҷавобгарии молумулкӣ дорои хусусияти зерин аст: бо санксияи молумулкӣ (ҷуброни зарар, пардохти ноустуворона, ҷуброни зарари маънавӣ ва ғайра) алоқаманд аст; дар ҷавобгарии як шахс ё якчанд субъект, ки дар муносибат бо давлат, дигар субъектҳо ба миён меоянд, инъикос карда мешавад; ҳамчун чораҳои баробари ҷавобгарӣ нисбат ба иштирокчиён барои ҳуқуқвайронкунӣ, ки дорои хусусияти якхела ва марбут ба ҳуқуқи молумулкӣ дорад, баромад мекунад; мувофиқати ҳаҷми ҷавобгариро ба ҳаҷми зарари расонидашуда дар назар дорад. Натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳанд, ки қонунгузор умумияти муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва манфиатҳои сиёсиву ҳуқуқиро ба инобат гирифтааст. Бо вуҷуди он дар марҳилаи муосир қонунгузории амалкунанда барои рушди пешқадам ва танзими ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ пурра коркард нашуда мондааст. Дар ин соҳа низоми муосири танзими ҳуқуқии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ба қабул ва ҷорӣ намудани қонунҳои мушаххас, ворид

намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ, ки ба назарияи муосир ва таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ асос меёбанд, ниёз дорад.

Зербоби дуюми боби якум – **«Ҷузъҳои асосии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ: равиши илмӣ-назариявӣ»** – асоснок гардидааст, ки дар соҳаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир бо баробари асос ва шартҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ соҳаи таҳқиқот низ аҳаммияти калон дорад. Зикр мегардад, ки барои пешгирӣ кардани омезиши ду мафҳуми дар боло зикршуда, ба дараҷаҳои «асос» ва «шарти» ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ равшанӣ андохтан мақсаднок аст. Таҳлили корҳои илмӣ ва меъёрҳои КМ ҶТ асоснок мекунад, ки асоси ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ рафтори воқеии шахси гунаҳкор мебошад, ки боиси иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои маданӣ-ҳуқуқии мувофиқи шартнома вогузоршуда мегардад. Баррасии масъалаҳои марбут ба асосҳои маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар қонунгузорӣ ба назар гирифта шудаанд ва ба муътадилсозии ҷомеа ва ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ равона шудаанд, мақсаднок ҳисобида мешавад. Шартҳои фарорасии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ аломатҳои амали (беамалии) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки мувофиқи қонун асосҳои мустақими татбиқи чораҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти юрисдиксионӣ ба ин шахсон маҳсуб меёбанд. Натиҷаи риоя нагардидани шартҳои ахлоқӣ-этикӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ин зарар буда, ҳар кадом поймолшавӣ ва кам шудани манфиатҳои молумулкии шахсиро, ки метавонад бо арзиши пулӣ арзёбӣ гардад, ифода менамояд. Ҳамчунин ҳангоми вайроншави ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ғайри молу мулкӣ метавонад ҷавобгарии маданиро ба миён орад, яъне ҷавобгарии молу мулкӣ, ки яке аз шартҳои он дар гум гаштани шакли пулӣ баён мегардад. Хусусияти ҷойдошта зери таҳлил қарор дода шуда, оид ба асосҳо ва шартҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ хулосаҳои илмӣ бароварда шуданд.

Дар зербоби сеюми боби якум – **«Табиати ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар мазмуни танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ»** – меъёрҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти соҳибкориро танзим мекунанд, таҳлил карда шудааст.

Мувофиқи меъёрҳои конститутсионӣ ба ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти озоди соҳибкорӣ кафолат дода мешавад ва дар асосҳои қонунӣ амалҳои марбут ба инҳисорот ва рақобати бевиҷдонона иҷозат дода намешавад. Муқаррар мегардад, ки амалисозии ҳуқуқҳои конститутсионӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ набояд ҳуқуқ ва озодиҳои дигаронро поймол кунад. Пайваста ба ин асоснок аст, ки дар шароити кунунӣ ба баъзе муқаррароти меъёрҳои қонунҳои конститутсионӣ, ки дар бозор ба роҳ надодани фаъолияти инҳисорӣ, рақобати беинсофона, пурзӯр намудани ҷавобгарӣ дар соҳаи

соҳибкорӣ ва ғайра дахл доранд, тағйиру иловаҳо ворид кардан мувофиқи мақсад мебошад.

Аз давраи оғози соҳибистиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти қонунгузории кишвар як зумра кодексҳо ва қонунҳо қабул карда шуданд. Дар байни онҳо қонунҳое, ки ба рушди фаъолияти озоди соҳибкорӣ равона шудаанд, ҷойи махсусро ишғол менамоянд. Аз тарафи муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе қонунҳои асосӣ таҳлил карда шудааст, ки дар мазмун ва мундариҷаи онҳо муқарраротоид ба ҷавобгарии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ муқаррар карда шудаанд.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия пешниҳод мегардад, ки меъёрҳои қонунҳои амалкунандаро такмил дода, масалан, ба мазмуни моддаи 132 КМ ҶТ оид ба ҷавобгарии шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ ишора карда шавад. Муаллиф хулосабарорӣ кардааст, ки ҳар як намуди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ бояд ҳамдигарро пурра намояд ва дар ҷараёни танзими ҳуқуқӣ бидуни он механизми танзими ҳуқуқӣ тасаввур карда намешавад, ин падидаро таъмин намояд. Муқаррар мегардад, ки дар айни замон набудани маҷмуият ва низомнокӣ дар таҳияи санадҳо бо худ камбудиҳо ва бесамарии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Дар замони муосир, муқаррар намудан ва таҳрири дурусти ҳадду ҳудуди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамаи иштирокчиён баҳри таъмини қатъии танзими ҳуқуқӣ, таъмини ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

Дар зербоби чоруми боби якум – **«Ниҳоди ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ: таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ»** таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории баъзе аз давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гузаронида шудааст.

Дар зербоби мазкур дар доираи таҳлили муқоисавӣ қонунгузории мадании (гражданӣ) чунин давлатҳо, ба монанди Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва дигарҳо зери таҳқиқот қарор дода шудааст. Ҳамчунин таҳқиқоти меъёрҳои Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Қазоқистон ва баъзе аз қонунҳои Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон гузаронида шудаанд, ки танзими ҳуқуқии ба амалбарории фаъолияти соҳибкорӣ, ҳифзи ҳуқуқи субъектони соҳибкорӣ, ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ асоснок менамоянд.

Муаллиф асоснок менамояд, ки бо мақсади такомули асосҳои ҳуқуқии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба мақомоти қонунгузории миллӣ зарур мебошад, ки меъёрҳо ва мавқеи

пешқадами қонунгузории баъзе аз давлатҳои ИДМ-ро омӯхта, қабул намуда бошад. Дар асоси принсипи «ҳама чиз дар муқоиса дарк карда мешавад», бо мақсади такмили танзими ҳуқуқӣ ва амалигардонии ҷавобгарии маданӣ-хуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, қабул намудани таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ зарур ва мақсаднок ҳисобида мешавад.

Дар шароити имрӯза рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон бештар аз самаранокии танзими давлатӣ ва сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ вобаста мебошад. Дар натиҷаи гузаронида шудани таҳқиқоти муқоисавӣ-хуқуқӣ, дар диссертатсия хулосаҳо оид ба баланд бардоштани боварии давлат ва субъектони фаъолияти соҳибкорӣ, ки принсипи асоситарин дар ҳамаи соҳаҳо аст, бароварда шудааст ва оқибатҳои он ҳамчун яке аз принсипҳои асосии таъмини рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар ҳисобида мешавад. Натиҷаҳои дуруст ба роҳ мондани чунин боварӣ байни давлат ва субъектони соҳибкорӣ дар ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ инъикос мегарданд. Танҳо дар асоси боварии байни ҳамаи субъектони муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, алалхусус дар муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ мумкин аст мутаносибат натиҷаҳои мусбӣ ба даст оварда шавад.

Таҳлили гузаронидашуда, масалан Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Қазоқистон шаҳодат медиҳад, ки ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар боби алоҳида мустаҳкам карда шудааст. Аз ҷумла, дар боби 30 КС ҶҚ чунин намудҳои ҷавобгарӣ муқаррар шудааст: «Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон дар соҳаи соҳибкорӣ» (моддаи 320 КС ҶҚ), «Ҷавобгарии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо барои иҷро накардан ва иҷрои номатлуби уҳдадориҳои худ» (моддаи 321 КС ҶҚ), «Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани тартиби гузаронидани санҷиши субъектони соҳибкорӣ» (моддаи 322 КС ҶҚ) ва ғайра. Муаллиф меҳисобад, ки дар муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҷрибаи мақомоти қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон, аз ҷумла дигар кишварҳои ҳамсоя ба инобат гирифта шуда, ҷорӣ гардидани меъёрҳои пешқадам мақсаднок мебошад. Бештар аз он, барои мустаҳкам намудани чунин меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бораи ҷавобгарии мақомоти давлатӣ ва шахсони масабдори онҳо дар кишвар ҳама асосҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд. Тасдиқ мегардад, ки дар меъёрҳои қонунҳои амалкунанда талабот оид ба таъмини ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ зарур аст, ки ба самаранокии он мусоидат карда метавонад.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии амалкунандаи баъзе аз давлатҳои ИДМ хулоса бароварда шудааст, ки чунин принсипҳои асосӣ ба монанди: рақобати бовиҷдонона ва

мувозинати манфиатҳои истеъмолкунандагон, субъектони соҳибкорӣ ва давлат; шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дастрасии иттилоот, самаранокии танзими давлатии соҳибкорӣ; эҳтимолияти поквиҷдонии ҳамаи субъектони фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷавобгарии мутақобилаи давлат ва субъектони соҳибкорӣ; озодӣ аз коррупсия; роҳ дода нашудани дахолати давлат ба корҳои субъектони фаъолияти соҳибкорӣ; ҳавасмандгаронии ҷавобгарии иҷтимоии соҳибкорӣ ва ғайра, махсусан муаммовӣ пеш омадааст. Вобаста ба ин, пешниҳод мегардад, ки ин принсипҳои таҳлилгардида на танҳо ба қонунҳои амалкунанда, бештар аз он дар меъёрҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гарданд.

Боби дуюми диссертатсия – **«Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ: шаклҳо ва мазмун»** – ба таҳлили моҳият ва мундариҷаи дараҷаҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи намуд, шакл ва андозаҳо дарбар гирифта шудааст. Дар ин қисми кор ба омӯзиши мавҷудияти зарари молумулкии кредитор дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, табиати гунаҳкорӣ ҳамчун асоси ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ, ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва хусусияти он барои сӯиистифода аз ҳуқуқ бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм – **«Дараҷаҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва мундариҷаи онҳо аз рӯйи намудҳо, шаклҳо ва андозаҳо»** – нишон дода шудааст, ки дар соҳаи ба амалбарории фаъолияти соҳибкорӣ масъалаи таснифи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, тавре ки ба назар мерасад, дар соҳаи илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ба таври кофӣ ҳал нагардидааст. Дар замони муосир дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ нисбат ба намуд ва шаклҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ равиши ягона вуҷуд надорад. Ҳарчанд мувофиқи қонунгузории маданӣ шаклҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст, лекин таҷрибаи амалисозии шаклҳои ҷавобгарӣ баъзе хусусияти худро дорад. Муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки ба намуд ва шаклҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ як қатор корҳои олимон бахшида шудааст, аммо дар соҳаи ба амалбарории фаъолияти соҳибкорӣ нисбат ба чунин ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи соҳибкории муосир диққати зарурӣ дода нашудааст. Асоснок мегардад, ки зери шакли ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ шакли ифодаи маҳрум сохтан аз амволе, ки ҳуқуқвайронкунанда аз сар мегузаронад, дар назар дошта мешавад.

Мувофиқи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ тасниф карда мешаванд: чораҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ оид ба вазифаҳои (функсияҳои) онҳо дохил мешаванд; аз рӯйи намудҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ (шартномавӣ ва ғайришартномавӣ, ҳиссагӣ, муштарак, иловагӣ, аксӣ (регрессӣ)); аз рӯйи шаклҳо ба кам кардани арзиши молу маҳсулот, кор, хизматрасонӣ ва дасткашӣ.

Ҷабҳаҳои назариявии шаклҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ карда шудаанд. Муайян шудааст, ки ҳарчанд шаклҳои чунин ҷавобгарӣ қонунан муқаррар гардидаанд, лекин таҷрибаи татбиқи онҳо, ҷорӣ гардидани чораҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар бисёр соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ такмилёбии ҳаматарафаро талаб менамояд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – «**Мавҷудияти зарари молумулкии кредитор дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ**» – муқаррар карда шудааст, ки дар танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ масъалаҳои таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкии субъектон ҷойи махсусро ишғол менамоянд. Ҷойи зарар дар заминаи амволи кредитор, аз ҷумла расонидани азияти маънавӣ, зарари молумулкӣ, зарари маънавӣ чораҳои зарурии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ буда, нисбат ба қарздор татбиқ карда мешаванд. Муаллиф хулоса менамояд, ки барои ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ кашидани шахс ва гузоштани санксияҳо исбот намудан зарур аст, ки амали (беамалии) ӯ сабаби расонидан зарар (зиён) ба шахси дигар гардидааст. Ин аз зарари ҷисмонӣ ва ё шакли зарари маънавӣ вобаста нест. Дар шароити муосири рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ба миён омадани ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ байни кредитор ва қарздор, инчунин татбиқи санксияҳо дар бештари ҳолатҳо байни тарафҳо бидуни муроҷиат ба суд ҳал карда мешавад, зеро боварӣ ба адолат на аз ҳуқуқтатбиқнамоӣ, балки аз вазъи моддӣ, молиявии тарафҳои баҳскунанда вобаста аст.

Муносибатҳои ҳуқуқии байни даъвогар ва қарздор бояд дар шакли хаттӣ ба расмият дароварда шуда, нигоҳ дошта шаванд, чун қоида, ба ин сифат шартномаҳо, ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва баҳисобгирӣ, мукотибот ва ғайра пешбинӣ гардидааст ва зарари воқеӣ дар суд тибқи ин ҳуҷҷатҳо (мувофиқи талаботи қонун) исбот карда мешавад. Вуҷуд доштани онҳо баҳсро дар суд осонтар мекунад. Дар амал исботи фоидаи аз даст рафта хеле мураккабтар аст, зеро зарурати асоснок кардани алоқаи сабабии амалҳои ҷавобгар ва даъвогар, ки зарар дидаанд, талаб карда мешавад. Баробари ҳамин, баррасии баҳс дар суд ва ҳалли масъала ба таври мурофиавӣ натиҷаҳои мусбии онро кафолат намедиҳад. Муаллиф хулоса мекунад, ки қабул ва нашри талаботи давлатӣ нисбат ба ҳисобҳои зарари расонидашуда, дар асл метавонад адолат ва қонуниятро ҳангоми ҳаллу фасли баҳсҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ таъмин намояд. Аҳаммияти мусбии услуби ягонаи расмиро барои ҳисоб кардани зиён дар шакли муайяни фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун як навъи муқаррароти умумӣ аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан душвор аст. Бештар аз ин, он имкон медиҳад, ки масъалаҳо бидуни муроҷиат ба мақомоти судӣ ҳаллу фасл карда шаванд ва ҳимояи ҳуқуқҳои моликият мустақилона ба амал бароварда шаванд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – «**Табиати гуноҳ ҳамчун асоси**

**ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ»** – хулоса карда мешавад, ки мавҷудияти табиати гуноҳ дар субъекти соҳибкорӣ барои вайрон кардани шартҳои қонунгузорӣ ҷавобгар аст, зеро субъектони фаъолияти соҳибкорӣ дорандагони ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Шартҳои зарурӣ барои ҷалби субъектони соҳибкорӣ ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, ки дар маҷмуъ таркиби ҳуқуқвайронкунии маданиро ташкил медиҳанд, ҳамчун рафтори ғайриқонунӣ, гуноҳ, зарар ва алоқаи сабабӣ мебошанд. Рафтори ғайриқонунии шахс сабаби ба миён овардани зиён ҳамон ҳолате мебошад, ки бевосита бо ҳамин зиён алоқаманд аст, яъне байни онҳо алоқаи сабабӣ вуҷуд дорад. Аз шартҳои таркибии ҳуқуқвайронкунии маданӣ гуноҳ яке аз ҷузъҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки гуноҳ дар таркиби ҳуқуқвайронкунӣ яке аз қисмҳои муҳим ва калидӣ баромад менамояд. Азбаски дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ гуноҳ шарти асосии ҷавобгарӣ барои вайронкунии меъёрҳои маданӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои шартномавӣ ё дар қонунҳо пешбинишуда, содир кардани амалиёти ғайриқонунӣ ё расонидани зарари молумулкӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ҷониби субъектони фаъолияти соҳибкорӣ вайрон карда шудани уҳдадориҳо оид ба таъмини бехатарии молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, кадоме метавонист ҳангоми ба миён омадани эҳтиёткории зарурӣ пешгирӣ мегардид, бо худ ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро пеш меорад. Дар меъёрҳои қонунгузории маданӣ гуноҳ ҳамчун асоси ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ муқаррар карда шудааст. Дар меъёрҳои қонунгузории амалкунанда гуноҳ, шакл, намудҳо ва дигар ҷанбаҳои он бояд нишон дода шаванд. Муаллиф ҳисоб мекунад, ки танҳо дар ин ҳолат гуноҳ ҳамчун воситаи водорсозии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ баромад карда, дар доираи қонун бояд амал карда бошанд.

Дар зербоби чоруми боби дуюм – «**Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои сӯиистифода аз ҳуқуқ ва хусусияти он дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ**» – муаллиф дар асоси омӯзиш ва таҳлили корҳои илмӣ ва қонунгузории амалкунанда ба хулосае меояд, ки мувофиқи принсипи дар Конститутсия мустаҳкамгардида дар бораи роҳ дода нашудани вайронкунии ҳуқуқҳои шахсон ҳангоми амалисозии уҳдадориҳои худ ҳамеша рушд ва такмили меъёрҳои ҳуқуқиро талаб менамояд. Қонунгузории маданӣ ин ҷараёнро бо муқаррар намудани ҳадду ҳудуди нави истифодаи ҳуқуқи ва озодҳо инъикос менамояд. Инчунин, муаллиф аз таҳлили амалия ба хулосае меояд, ки ҳоло дар амалияи фаъолияти судӣ бештар бо суиистифода аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ, ки ба тарафи дигар зарар расонидан ё ғайриқонунӣ гирифтани пул бо дарназардошти вазъи моддии тарафҳо ё маблағҳои давлатӣ равона карда шудаанд, дучор меоянд. Қонунгузорӣ амал ё беамалии субъекти

хоҷагидорро, ки ба натиҷаи он роҳ надодан, маҳдуд кардан, бартараф кардани рақобат, поймол намудани манфиатҳои дигар субъектони соҳибкорӣ мебошад ё метавонад шуда бошад, манъ мекунад. Дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ амали мақсадноки шахси ваколатдор, ки мехоҳад манфиатҳои шахсони дигарро поймол кунад, яке аз аломатҳои суиистифодаи ҳуқуқ мебошад, ки аз дигар шаклҳои суиистифода аз ҳуқуқ дар фаъолияти соҳибкорӣ фарқ мекунад. Аз ин рӯ, амалан ошкор намудани хоҳиши субъект нисбати расонидани зарар ба шахси дигар хеле душвор буда, на ҳама вақт имконпазир мебошад. Муаллиф дар он назарест, ки ҳангоми баррасии чунин намуди парванда мақомоти судӣ бояд ҳамон ҳолатҳоеро ба назар гирифта бошад, ки дар асоси онҳо субъекти ваколатдор бо мақсади зарар расонидан ба субъектони дигар амал кардааст. Ба ин ҳолатҳо муносибатҳои шахсӣ ва кории байни ҷабрдида ва зараррасон, аз ҷумла мавҷудияти муносибатҳои рақобатӣ байни субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ тааллуқ дошта метавонанд. Бояд дар назар дошт, ки дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ суииистифода на танҳо бо воситаҳои пулии шахсӣ ва ё молумулки шахсӣ, ҳамчунин бо ҳуқуқҳои худ, масалан ҳуқуқи ба суд додан ҷой дошта метавонад. Лекин татбиқи муқаррароти дар моддаи 9 КМ ҶТ пешбинишуда дар ҳолатҳои сӯиистифода аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ ғайриимкон аст. Аз тарафи дигар қонунгузор муқаррар намудааст, ки иштирокчиёни мурофиаи судӣ бояд ҳуқуқҳои худро бовиҷдонона ва боадолатона истифода баранд.

Боби сеюми диссертатсия – «**Субъекти дахлдор дар ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ**» – ба таҳлили табиати ҳуқуқӣ ва намудҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии қарздор, хусусияти ҳуқуқии ҷавобгарии мустақими қарздор ва шахсони сеюм ҳамчун субъектони муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, хусусияти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии субъектон барои расонидани зарар дар натиҷаи норасоии молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, аҳаммияти суғуртаи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм – «**Табиати ҳуқуқӣ ва намудҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии қарздор**» – муқаррар шудааст, ки меъёрҳои қонунгузории маданӣ намудҳои асосии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд ва ҳамаи онҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ-соҳибкориро фаро мегиранд. Ҷавобгарии оддии маданӣ-ҳуқуқӣ ин ҷавобгарии қарздор (шахси зараррасон) дар назди кредитор (ҷабрдида) дар дохили як муносибати ҳуқуқӣ (ки хусусияти шартномавӣ ё ғайришартномавӣ дорад) мебошад. Ҷавобгарии ҳиссагии маданӣ-ҳуқуқии қарздор (зараррасон) дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун намуди ҷавобгарӣ бояд аз рӯйи номаш баҳо дода шавад, ки шумораи зиёди шахсонро дар тарафи қарздор дар назар дорад. Дар ин ҷо ҷавобгарии ҳар кадоме аз онҳо бояд бо ҳиссаи (қисми як умум, ки дар

он ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар ҳолати мушаххас дар ҳаҷми пурра фаҳмида мешавад) ҳар як тарафи муносибатҳои ҳуқуқӣ ифода карда шавад. Хусусияти ҳуқуқии ҷавобгарии иловагӣ (субсидиарӣ) бо меъёрҳои КМ ҶТ (моддаи 460) муайян карда шудааст, ки мувофиқи он пеш аз пешниҳоди талабот ба шахсе, ки тибқи қонун, дигар санадҳои ҳуқуқӣ ё шартҳои ӯҳдадорӣ илова ба масъулияти шахси дигаре, ки қарздори асосӣ дорад (ҷавобгарии субсидиарӣ) ҷавобгар аст. Ҷавобгарии муштараки маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои соҳибкорӣ ҳамчун як навъи ҷавобгарӣ (ҳамчун ҳиссагӣ ва иловагӣ) аз рӯйи моҳияти худ бисёр шахсонро дар тарафи ҷавобгар (масалан, қарздор, шахси зарардасон, шахсе, ки аз рӯйи қарзҳои онҳо муштарак ҷавобгар аст) дар назар дорад. Муаллиф муайян намудааст, ки ҳангоми танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, намуди маъмултарини ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ин ҷавобгарии мустақими қарздор дар назди кредиторон мебошад, қарздор худаш ӯҳдадориро қабул мекунад, худ онро иҷро мекунад ва барои иҷро накардани он ҷавобгар мебошад. Чун қоида, ба ҷавобгарии мустақими қарздор ҷавобгарии шахсе, ки иловагӣ ҷавоб медиҳад, дохил намешавад. Ҷавобгарии қаздорони ҳиссагӣ аз рӯйи ӯҳдадориҳои ҳар кадоме аз онҳо ҷавобгарии мустақими онҳо мебошад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – «**Хусусияти ҷавобгарии мустақими қарздор ва шахсони сеюм ҳамчун субъектони муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ»** – муаллиф асоснок намудааст, ки меъёрҳои таҳлилшудаи қонунгузории маданӣ аз танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар он ҷавобгарии мустақим нишон дода шудааст, шаҳодат медиҳанд. Ҳамин тавр, ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии паймонкори фаръӣ ва паймонкори асосӣ дар асоси меъёрҳои моддаи 780 КМ ҶТ: а) мустақим мебошад, агар аз муносибатҳои пешбининамудаи шартномаи паймонкории фаръӣ барояд ва бо қонеъ гардонидани талаботи фармоишгар аз тарафи паймонкори асосӣ бо сабаби иҷро накардан ва иҷрои номатлуби шартҳои шартномаи пудрати асосӣ алоқаманд нест (банди 2 моддаи 780 КМ ҶТ); б) баробари ҳамин, чунин ҷавобгарӣ набояд аз он, ки фармоишгар ба паймонкори асосӣ ягон талабот, вобаста ба бесифат иҷро гардидани корҳо пешниҳод мекунад, набояд алоқаманд бошад. Ҷавобгарии мустақим талаботи аксро қабул наменамояд. Бо суханони дигар, агар шахс даъвои аксро пешниҳод намояд, дар ин ҳолат ҷавобгарии ӯ мустақим ҳисобида намешавад. Муаллиф хулоса мекунад, ки бо рушди фаъолияти соҳибкорӣ, дар шароити расмигардонии ҷавобгарии молумулкӣ, кадоме ки на ҳама вақт дар амалия риоя мешаванд, механизмҳои ҷавобгарии иқтисодӣ дар таъмини ӯҳдадориҳои шартномавӣ нақши калидӣ мебозанд. Ҷавобгарӣ нисбат ба зарари молу мулк аксар вақт ситонида намешуд, зеро хоҳиши татбиқи санксияҳо ва ё бахшидани қарздор набуд, ҳамчунин бесамар равона

намудани маблағҳои гирифта ба буҷет дуруст таъмин намешуд. Қайд мегардад, ки машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ натиҷаи амалисозии ҳуқуқи ҳар шахс ба меҳнат, ҳуқуқи озодона ихтиёрдорӣ намудани қобилияти худ ба фаъолияти касбӣ, пеш аз ҳама интихоби фаъолият ва касбият мебошад. Ғайр аз ҷавобгарии мустақими қарздор нисбат ба амал ва ё беамалии худ, ҳамчунин ҷавобгарӣ барои амалҳои шахсони сеюм, қонунгузории маданӣ ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки вақте барои қарзҳои субъект метавонанд дигар шахсон (шахсони сеюм) ҷавоб диҳанд. Қонун ҷавобгарии баланди маданӣ-ҳуқуқиро барои шахсони сеюм, кадоме ки дар истеҳсолот, бафурӯшбарории маҳсулот ва ё расонидани хизмат иштирок менамоянд, муқаррар намекунад. Қоидаи мазкур ҳам дар муносибатҳои тиҷоратӣ, ҳамчунин дар муносибатҳо бо истеъмолкунандагон истифода мегардад. Ҳолати имрӯзаи бозори истеъмолӣ дар кишвар тасдиқи гуфтаҳои болоӣ мебошад.

Дар ин қарина, таносуби байни ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии шахсони сеюм аз лиҳози моддӣ-ҳуқуқӣ ва мавқеи шахсони сеюм дар мурофиаи маданӣ ва иқтисодӣ ҷолиби диққат мебошад. Ҷавобгарии моддӣ-ҳуқуқӣ мадании шахсони сеюм, аз як тараф ва шахсони сеюм ҳамчун иштирокчии ҷараёни маданӣ ва иқтисодӣ аз тарафи дигар, аз ҷиҳати пайдоиши ҳуқуқӣ ва мақом ҳамчун шахсони сеюми гуногун мебошанд.

Дар зербоби сеюми боби сеюм – «**Хусусияти ҷавбгарии маданӣ-ҳуқуқии субъектон барои расонидани зарар дар натиҷаи норасоии маҳсулот, кор ва хизмат**» – қайд карда мешавад, ки дар иқтисодиёти миллӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ таъмини ҳуқуқии сифати маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳои иҷрогардида, хизматрасонӣ яке аз ҷанбаҳои асосӣ буда, ба танзими ва идоракунии давлатӣ ниёз дорад. Идоракунии давлатӣ аз болои сифат ҳамчун самти асосии танзими иқтисодиёти миллӣ баромад менамояд. Дар он услуби муҳимми идоракунӣ, ба монанди сиёсӣ-тарбиявӣ, ташкилӣ, нақшавӣ, иқтисодӣ ва ғайра истифода бурда мешаванд.

Хулоса карда мешавад, ки дар амалияи муосири татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳангоми бастани шартномаҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, масалан дар соҳаи хариду фурӯши маҳсулоти чакана, пешкаши хизматрасонӣ ва иҷроиши корҳо, бевиҷдонӣ аз тарафи фурӯшандагон ва иҷрокунандагон бештар мушоҳида карда мешавад. Муаллиф асоснок менамояд, ки нисбати ба ҷавобгарӣ, бештар аз он ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ кашида шудани онҳо дар меъёрҳои қонунӣ нонавишта мондааст. Аксарияти соҳибкорон дар кишвар бештар ба муносибатҳои шартномавӣ муроҷиат менамоянд. Хусусияти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои зарари расонидашуда аз рӯйи натиҷаи норасоии молу маҳсулот, кору хизматрасонӣ, бештар аз он дар муносибатҳои ҳуқуқии байни истеъмолкунандагон ва контрагентони

он дар ҳамаи ҳолатҳо руйпӯш карда шудани зарари воқеӣ ситонида мешавад. Мувофиқи қоидаҳо онҳо бояд тавассути пешниҳод кардани расидҳо, чекҳо, нишондодҳои шоҳидон, санадҳо, сабти навори видео ва ғайра дигар далелҳои қонунан манъ нагардида, исбот шуда бошанд. Таҷрибаи истифодашавӣ шаҳодат медиҳанд, ки муносибатҳои ҳуқуқии истеъмолкунандагон ва контрагентони онҳо то имрӯз ба таври пурра ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои сивилистӣ мувофиқ нестанд ва ситонидани зарари воқеӣ бо душвориҳо амалӣ мегардад. Асоснок мегардад, ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва қонуни асосии он, яъне талабот ва пешниҳодот, ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон қонунан ҳифз карда мешавад. Маҳз бо рушди муносибатҳои бозорӣ, дар қонунгузории давлатҳои собиқ шуравӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон нисбати руёнидани товони зарари моддӣ ҷойгиронида шудааст. Дар замони имрӯза ситонидани зарари маънавӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда, меъёрҳоро дар қонунгузории қариб ҳамаи давлатҳои пасошуравӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ барои чунин хулосабарорӣ имкон медиҳад, ки ҷуброни зарари маънавӣ нисбат ба истеъмолкунандагон аз рӯйи хусусияти шиканҷаҳои ҷисмонӣ ва рӯҳию ахлоқӣ (зарари маънавӣ) фарқ менамояд. Яъне, зарари маънавие, ки дар натиҷаи хариди молу маҳсулот, (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) ба истеъмолкунанда расонида шудааст, ва он бо ба амалбарории фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад, балки барои қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ, маишӣ ва хонаводагӣ равона шудааст. Барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда ва муқаррар намудани зарари маънавӣ бояд дар назар дошт, ки ин зарар хусусияти шахсӣ дошта бо оламн ботинии истеъмолкунанда алоқамандии зич дорад, ва ба дигарон интиқол дода намешавад, бо арзиши пешакӣ баробар карда намешавад. Ҳолати мазкур бо камшавии неъмати маънавӣ, яъне зараре, ки ба ҳолати муътадил, ором ва мутамаркази истеъмолкунанда расонида шудааст, хусусиятнок мегардад.

Дар зербоби чоруми боби сеюм – «**Аҳаммияти суғуртаи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ**» – муаллиф асоснок мекунад, ки ба амалбарории фаъолияти соҳибкорӣ дар алоқамандӣ бо таваккалӣ пеш бурда мешавад, ки мантиқан суғуртакунонии ҷавобгарии касбӣ мубрам мегардад. Ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади рушди ҷараёнҳои иқтисодӣ суғурта аҳаммияти калон дорад. Суғурта баҳри эҷоди захираҳои пуриқтидори дарозмуҳлат мусоидат намуда, дар умум суботи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъиятро таъмин менамояд. Аз рӯйи аҳаммияти ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ суғуртаи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ таҳлили низомноки қонунгузории амалкунанда ва танзими ҳуқуқии маҷмуавиро талаб мекунад. Самаранок амалшавии ин намуди суғурта

аз воситаҳои ҳуқуқии таъмини он, ҳамчунин аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии такомулёфта вобастагӣ дорад. Муаллиф муайян намудааст, ки солҳои охир асосҳои ҳуқуқӣ-оммавии ҷараёни суғурта бо такмили механизмҳои танзими давлатӣ ва назорат аз болои фаъолияти суғурта зоҳир мегардад, нисбати ҷорӣ намудани суғуртаи афзалиятноки ҳатмӣ дар кишвар тақвият меёбад. Ҳамчун қоида, онҳо баҳри таъмини вазифаҳои оммавии давлат, амалисозии барномаҳои давлатӣ ва алалхусус дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд.

Боби чоруми рисола – **«Ниҳоди ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ ва такмили он дар фаъолияти соҳибкорӣ»** – ба масъалаҳои амалишавии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷрои накардан ва ё иҷрои номатлуби иҷрои шартномаҳои аз тарафи соҳибкорон бахшида шуда, нисбат ба роҳҳои такмилдиҳии қонунгузории амалкунанда оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ тавҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

Дар зербоби якуми боби чорум – «**Татбиқи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартномаҳо аз ҷониби соҳибкорон**» – қайд мегардад, ки яке аз воситаҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти соҳибкорӣ шартнома мебошад, дар асоси кадоме ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиён дар фаъолияти соҳибкорӣ ва дар соҳаи муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба миён меоянд. Муаллиф ошкор намудааст, ки дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ва ё иҷрои номувофиқи шартномаҳои басташуда мавқеи калидиро ишғол менамояд. Моҳият ва аҳаммияти ҳуқуқии иҷро накардан ва иҷрои сифатан номувофиқ дар муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ дар соҳаҳои соҳибкорӣ аз худи муқаррароти мафҳуми вайронкунииии уҳдадорӣ бармеояд.

Механизми танзими иқтисодию ҳуқуқии ҷавобгарӣ баҳри таъмини ҳимояи муносибатҳои ҳуқуқӣ равона гардида тавассути меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ба танзим даровარда мешаванд. Риоя нагардидани ишораҳои меъёрӣ аз нуктаи назари иқтисодӣ-ҳуқуқӣ манфиатҳои кредиторонро поймол менамояд. Ниҳоди ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ бо мақсади таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшудаи манфиатҳои кредиторон равона карда шудааст. Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби шартҳое, ки бо талаботи шартномаҳо, пеш аз ҳама бо интизоми иҷроиши ҳамаи шартҳо муқаррар шудаанд, алоқаманд мебошад. Асоснок карда мешавад, ки дар соҳаи ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ, дар муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ чораҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ба таъмини шароити самарабахши фаъолияти иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба вайрон кардани уҳдадориҳои худ роҳ намедиҳанд, аз ҳисоби вогузор намудани уҳдадорӣ ҷиҳати ҷуброни зарар равона шудааст. Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи

фаъолияти соҳибкорӣ ҷиҳати ичро накардан ва ё ичрои номатлуби шартҳои шартнома аз ҳуқуқвайронкунии шахсони муайян пеш меояд. Ҳуқуқвайронкунии мазкур соҳаи маданӣ-ҳуқуқӣ буда, ҳамчун як воҳиди ягона бо баробари амали мураккаб бо худ унсурҳои объективӣ ва субъективиро дарбар мегирад. Таъминоти саривақтии ҳадафҳои стратегии миллӣ аз танзими ҳуқуқии такмилёфта, танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, ва пеш аз ҳама таъмини механизми амалисозии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Таҷрибаи рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳарчанд дар кишвар як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида танзими фаъолияти соҳибкориро дарбар гирифта бошанд ҳам, зарурияти қабул ва андешидани чораҳои иловагӣ бо мақсади татбиқи самараноки равишҳо ва механизми амалишавии қонунҳо ва танзими давлатӣ ба миён омадааст. Иқдоми мазкур метавонист рушди бештари шаклҳои амалисозии фаъолияти соҳибкориро таъмин намояд. Барои ин зарур ҳисобида мешавад, ки мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ҳар чӣ қадар бештар ва ҳамаҷониба барои қабул ва амалишавии чораҳои ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии шахс дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намоянд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки бо такмил дода шудани меъёрҳои ҳуқуқӣ тавассути ишораи бевоситаи ҷанбаҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, ҷавобгарӣ аз ҷумла, аз ҷониби давлат таъмини механизми ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ мумкин аст ба беҳтаршавии муносибатҳои ҳуқуқӣ байни ҳамаи иштирокчиёни ҷомеаи маданӣ оварда расонад. Дар таъмини самараноки ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан дар соҳаи муносибатҳои шартномавӣ аҳаммияти асосӣ ва ҳалкунандаро дарки ҷавобгарӣ, татбиқи шаклҳои ҳуқуқии сохтори ҷавобгарии шартномавӣ, қобилияти ташкили фаъолияти амалишавии ҷавобгарӣ ва дигарҳо мебозад.

Дар зербоби дуюми боби чорум – «**Роҳҳои такмили қонунгузории амалкунанда оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ**» – аз рӯйи таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда, муаллиф изҳор менамояд, ки ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ дорои ҳамон кафолатҳоеанд, ки мувофиқи Конститутияи Тоҷикистон ва қонунҳои ба он асосёфта муқаррар карда шудаанд. Таҷрибаи баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ аз мавҷудияти шумораи зиёди масъалаҳо ва баҳсҳои соҳибкорӣ, инчунин ҳолатҳои низоъ шаҳодат медиҳад, ки шумораи муайяни онҳо бо иштироки шахсони мансабдор, салоҳиятдори мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ мебошад. Аз ин рӯ, шумораи зиёди онҳо ба баҳсҳои марбут ба арзишҳои молу мулкӣ, ки ҳангоми бастани шартномаҳо ва ҳангоми иҷроиши онҳо ба вуҷуд меоянд, тааллуқ доранд. Худи ҳимояи ҳуқуқҳои мадании соҳибкорон аз мазмун ва мундариҷаи муносибатҳои шартномавӣ бармеоянд, ки аз

сабаби иҷро накардани уҳдадориҳо инъикос мегарданд. Муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки дар замони муосир, алалхусус дар шароити рақобати бевиҷдонона дар бозор, сабабҳои иҷро нашудан ва ё иҷро накардани уҳдадориҳои ба зимма гирифта аз ҷониби тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ хеле сершуморанд. Таҷрибаи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки баъзе аз сабабҳои асосии баҳс, ихтилофот байни субъектони асосии соҳибкорӣ муқаррар карда шаванд. Якум, ҳар кадом сохтори бо фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда кӯшиш мекунад, ки барои худ дар асоси қонунгузории амалкунанда, шартномаҳои басташуда, ки кафолатҳои қатъии иҷроиши уҳдадории тарафҳоро пешбинӣ менамояд, самара, фоида гирад. Дуюм, шахсони мансабдор, кормандони роҳбарикунандаи ташкилотҳои соҳибкорӣ, ки бо бастан ва иҷрои шартномаҳо алоқаманданд, кӯшиш мекунанд, ки манфиатҳои иқтисодии худро бо воситаи канорагирӣ аз қонунҳо таъмин намоянд. Ғайр аз ин, нодуруст шарҳ додани қонунҳо ҷой дорад, ки барои ташкили шартҳои муфид ва маҳдудсозии ҷавобгарии шахсӣ равона мегарданд. Чунин ҳолат бо мақсади барҳамдиҳӣ ва ё маҳдудсозии муҳити рақобати озод дар бозор зоҳир мешавад. Сеюм, дар соҳаи танзими давлатӣ ва идоракунии иқтисодиёти миллӣ, соҳибкорӣ норасоии кадрҳои касбӣ, алалхусус дар амалия зоҳир мегардад. Ақида пешбарӣ мегардад, ки амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон дар иқтисодиёти кишвар пеш аз ҳама фаъолияти оқилона, адолатнок ва поквиҷдонии мутахассисони касбӣ, хизматчиёни давлатӣ вобастагии калон дорад. Чорум, дар аксарият ҳолатҳо баҳсҳо, низоъҳо вобаста аз надонистани асосҳои ҳуқуқӣ, қонунҳо ва нотавонии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқие ба миён меоянд, ки мебоист бо онҳо роҳнамоӣ кард. Дар бисёр ҳолатҳо субъектони бо фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда, роҳбарон бо мақсади сарфаи захираҳои молиявӣ аз хизматрасонии ҳуқуқшиносон-машваратчиён истифода намебаранд.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ба хулосаҳои муайян омадан мумкин аст.

1) Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ бо худ истифода гардидани чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқиро нисбати шахсе, ки дар амали гунаҳгорона ҳуқуқвайронкунӣ содир намудааст, ифода мегардад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида, асоси онро ҳуқуқвайронкунӣ ташкил медиҳад. Санксияҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ гуногун буда, вобаста аз вазифаҳо бо мақсади огоҳонидани ҳуқуқвайронкунӣ, барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолгардида, ба таъмини иҷрои уҳдадориҳо ва ё ҷазодиҳии ҳуқуқвайронкунанда метавонад равона гардад. Ҳуқуқвайронкунӣ шарти ҳатмӣ барои ба

миён омадани ҳар кадом шакли ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад [11-М], [13-М].

2) Масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ барои самаранок пеш бурдани бизнес дар шароити муосир, ҳамчунин барои давлат ва ҷомеа хеле муҳим мебошад [23-М].

3) Ниҳоди ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ на танҳо барои ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон хизмат менамояд, балки мавқеи муайянро дар нигоҳдошти суботи тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа ишғол менамояд. Самаранокии низоми ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ яке аз омилҳои калидӣ буда, сатҳи некуаҳволӣ ва иҷтимоии аҳолӣ ва устувории иқтисодиётро дар умум муқаррар мекунад [37-М].

4) Самаранок татбиқшавии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ омили асосӣ барои таъмини устувории ҷомеаи маданӣ, таъмини иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ, мустаҳкам намудани робитаҳои иқтисодӣ, ва амнияти иқтисодии кишвар маҳсуб меёбад [60-М].

5) Бешубҳа, қонуният принсипи асосии ҳаёти давлатӣ ва ҷомеа мебошад. Қонуният маънои риояи дақиқ, ҳатмӣ ва ягона амалисозии хусусияти миллӣ-ҳуқуқӣ дошта, фаъолияти соҳибкорӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд ва муносибатҳои махсусро талаб мекунад. Ба принсипи мазкур талаботи ҳатмии қонуният барои ҳамаи субъектони ҳуқуқ, волоияти қонун, пешгирии фаврии ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ дохил карда шудааст. Аз ҳама муҳим, ба ин принсип амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳо, мувофиқи кадоме манфиатҳои дигарон набояд вайрон карда шавад, алоқамандии фарҳанг ва қонуният тааллуқ дорад [1-М].

6) Тартиботи ҳуқуқӣ дар ҳаёти иқтисодӣ, соҳибкорӣ натиҷаи иҷтимоии танзими ҳуқуқӣ, муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқиро мефаҳмонад. Бештар аз он, мақомоти қонунгузорӣ меъёрҳои ҳуқуқиро таҳия ва қабул намуда барои тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа кӯшиш менамояд. Дар ин замина, қайд кардан лозим аст, ки шарти асосии баланд бардоштани самаранокии тамоми фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ таҳкими ҳамаҷонибаи интизом, муташаккилии тартиботи ҳуқуқӣ дар ҳар кадом объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ (дар коргоҳ, ташкил) ва пайваста ба ин, риояи қатъии эҳтиёткорӣ, сарфакорӣ дар иқтисодиёт, баланд бардоштани сифати маҳсулот мебошад, ки қонунгузор тавассути қабули қонунгузории бозорӣ ба он кӯшиш менамояд [19-М].

7) Дар шароити муносибатҳои бозорӣ қонунияти муосир ин пеш аз ҳама, қонунияте мебошад, ки ба салоҳияти ҳар кадом субъекти ҳуқуқ, дониши амиқи қонунгузории ҷорӣ аз ҷониби онҳо асоснок гардидааст. Тавре маълум аст, ба эътибор нагирифтани ин ё он муқарраროти қонун асосан бо сатҳи пасти саводнокии ҳуқуқӣ ва тайёрии он, маърифатнокии ҳуқуқии баъзе аз субъектони соҳибкорӣ,

кормандони он, шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ шарҳ дода мешавад [4-М].

8) Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории амалкунанда пайдо гардидани ҳуқуқ ба амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ бо иродаи давлат нисбати ба шахс пешкаш намудани мақоми соҳибкорӣ алоқаманд нест. Дар соҳаи илм асоснок карда мешавад, ки озодии фаъолияти соҳибкорӣ яке аз ҳуқуқҳои бунёдӣ, озодии ҷудонашавандаи шахс мебошад, ки ба ӯ бо хоҳиши давлат хос аст [14-М].

9) Бо рушд ва такомули танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ муаммоҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва амалишавии он ҳам аз ҷониби субъектони соҳибкорӣ, ҳам аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони роҳбарикунандаи он таваҷҷуҳи зиёдро ба худ ҷалб менамояд. Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ яке аз воситаи асосии таъмини иҷрои дурусти уҳдадориҳои қонунан пешбинигардида, шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ баромад намуда, пеш аз ҳама барои кори дақиқи механизми пурраи соҳибкорӣ хизмат мекунад [16-М].

10) Ба амал баровардани фаъолияти озоди соҳибкорӣ дар асоси Конститусияи кишвар кафолат дода шудааст. Баробари ҳамин, ҳадду ҳудуди амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ қонунан маҳдуд шудааст. Аз тарафи давлат мувофиқи талаботи қонунгузорӣ ин ҳудуд муқаррар гардидааст, ки баҳри ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ахлоқ, саломатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар, таъмини мудофиавӣ ва амнияти давлат, ҳифзи муҳити атроф, роҳ дода нашудани рақобати бевиҷдонона ва суиистеъмолӣ аз мавқеи ишғолнамуда дар бозор равона мешавад [34-М].

11) Муқаррар намудани уҳдадориҳои субъектони фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли талаботи ҳуқуқӣ ва чораҳои манъкунӣ, ҳамчунин чораҳои ҷавобгарӣ моҳиятан маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии онҳо мебошад. Дар асоси моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо бояд бо мақсадҳои конститутсионӣ мутобиқат кунанд. Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо бо қонун маҳдуд карда мешаванд, то он сатҳе, ки барои ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, ахлоқ, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар, таъмини мудофиаи кишвар ва амнияти давлат зарур аст [31-М], [42-М].

12) Ба сифати субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ-соҳибкорӣ шахсоне баромад мекунанд, ки дар якҷоягӣ бо дигар нишонаҳои қонунӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ ва амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ, хоҷагидорӣ ҷавобгарии пурра доранд. Тавре таҳлили муқоисавӣ шаҳодат медиҳад, ҷавобгарии маданӣ назар ба дигар намудҳои ҷавобгарӣ, ки бо меъёрҳои қонунгузории маданӣ ва шартномаҳо асоснок мегарданд, якчанд хусусияти хос тавсифӣ дорад [15-М].

13) Аз нуктаи назариявӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ бо ҳифзи давлатӣ, дастгирӣ ва бо рушди соҳибкорӣ, таъмини кафолати давлатии фаъолияти субъектони соҳибкорӣ алоқаманд мебошад. Соҳибкорони бовиҷдон амалан бо хоҳиши худ ба талаботи қонун, агар онҳо мақсад ва вазифаҳои худро одилона эътироф кунанд, итоат менамоянд.

14) Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти таркибии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи мазмуни иқтисодиёти воқеии муосир муқаррар менамояд [51-М]. Таҳлили муқоисавӣ имкон медиҳад, ки хусусияти умумӣ ва фарқкунандагии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро дар ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ муайян шуда бошад.

15) Сабабҳои асосии муайян намудани хусусияти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ асосан дар он аст, ки субъекти соҳибкорӣ ҳамчун иштирокчии касбӣ ва ботаҷрибаи муносибатҳои иқтисодӣ ҳамеша вазифадор мебошад, ки баҳри таъмини иҷрои уҳдадориҳои худ бештар ғамхорӣ ва эҳтиёткориро зоҳир намояд [57-М].

16) Аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии танзим ва амалишавии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ишора ба муҳиммияти мустаҳкам карда шудани ин ҷавобгарӣ дар қонунгузории ҷорӣ зарур аст. Натиҷаҳои таҳқиқот зарурияти чунин мустаҳкамкуниро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор кард. Мустаҳкам карда шудани ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар қонунгузории амалкунанда дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ асоснок ҳисобида мешавад.

Дар муносибатҳои ҳуқуқии бозорӣ дар Тоҷикистон ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ меҳвари асосии муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ-соҳибкорӣ мебошад [68-М], [84-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

1. Дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими фаъолияти соҳибкорӣ зарур аст, ки мафҳуми ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шавад [13-М], [15-М], [16-М].

2. Бо дарназардошти мақсаднокии мустаҳкамии ниҳоди ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод мегардад, ки дар меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2014 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» талаботи меъёрҳо оид ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии субъектони асосии танзими ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шавад [23-М].

3. Дар меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» бо мақсади ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ нисбат ба ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ва манфиатҳои

қонунии субъектони соҳибкорӣ пешниҳод мегардад, ки иловаҳо бо мазмуни зерин ворид карда шаванд:

а) таъмини инфрасохтори дастгирии давлатии субъектони соҳибкорӣ, аз ҷумла низоми мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроӣ дар сатҳи маҳаллӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ассотсиатсияҳо, марказ ва агентиҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ;

б) таъмини татбиқи дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ бо дастгирии молиявӣ, ки аз ҳисоби Фондҳои махсуси рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҷудо мегарданд;

в) таъмини амалисозии барномаҳои давлатии рушди фаъолияти соҳибкорӣ, муқаррар намудани талабот ба ташкилот, ки инфрасохтори дастгирии соҳибкориро ташкил медиҳанд; мувофиқи барномаҳои давлатии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар сатҳи маҳаллӣ бояд шартҳо ва тартиби расонидани дастгирии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ муайян карда шавад;

г) таъмини татбиқи меъёрҳо оид ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ, ҷиноии шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ ва иҷроия баробари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи қонунгузории амалкунанда [89-М].

4. Дар рафти таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ниҳоди ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии баъзе аз давлатҳои ИДМ меъёрҳои пешқадам ошкор гардидаанд [51-М], [66-М], ки ворид намудани онҳо ба сифати принсипҳои асосии ҳуқуқӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Аз ҷумла:

а) шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва самаранокии танзими давлатии соҳибкорӣ;

б) эҳтимолияти поквиҷдонии субъектони соҳибкорӣ ва ҷавобгарии ҳамдигарии давлат ва субъектони соҳибкорӣ;

в) озодӣ аз коррупсия;

г) роҳ дода нашудани дахолати ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ба корҳои субъектони соҳибкорӣ;

д) баланд бардоштани сатҳи боварии давлат ба субъектони соҳибкорӣ;

е) роҳ дода нашудани таъсиси ҳама гуна монеагиҳо барои рушди субъектони соҳибкорӣ;

ж) ҷорӣ намудани ҷавобгарии инфиродии шахсони ваколатдори мақомоти давлатӣ барои расонидани зарар ба субъектони соҳибкорӣ ва ғайра.

5. Аз нуктаи назари илмӣ ҳисобида мешавад, ки ҷиҳати мустаҳкам намудани ҷавобгарии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мансабдорони он, шахсони ваколатдори мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии соҳаи танзим ва амалисозии фаъолияти озоди соҳибкорӣ дар қонунгузории кишвар зарурат пеш омадааст [2-М], [3-М].

6. Дар асоси меъёрҳои моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, ки тағйироту илова ба Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ» ворид карда шуда, меъёрҳои дар бораи рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ мустаҳкам карда шавад.

7. Таҳлили ҳуқуқии қонунгузории ҷории Тоҷикистон дар соҳаи танзими фаъолияти соҳибкорӣ ба хулосае меорад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ чораҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии зеринро мустаҳкам намудан зарур аст:

а) ҷавобгарии молу мулкӣ барои зарари маънавӣ (азияти ҷисмонӣ) нисбат ба ҷабрдида, ки дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ баромад накардааст;

б) татбиқи чораҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ нисбат ба истеҳсолкунанда (фурӯшанда, иҷрокунанда) барои пешниҳоди иттилооти номувофиқ нисбати маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) дар бораи истеҳсолкунанда бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои шахс – истеъмолкунанда;

в) татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ нисбат ба истеҳсолкунанда (фурӯшанда, иҷрокунанда) барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва дигарҳо [83-М], [84-М].

8. Пешниҳод мегардад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ меъёрҳои иловагии муайянкунандаи арзиши қадам ба қадами ҳаҷми фоидаи аздастрафта дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ таҳия ва нашр гарданд. Чунончӣ, дар шароити муосир, ки нақши асосиро субъектони соҳибкорӣ, соҳибкорони инфиродӣ мебозанд, набудани усули зарурии муайян намудани ҳаҷми фоидаи аз даст додашуда боиси коҳиш ёфтани аҳаммияти чунин чораи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди баргардонидани зарар дар натиҷаи аз даст додани фоида мегардад.

9. Дар шароити кунунӣ механизми амалигардонии танзими давлатӣ ва назорат аз болои фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳи лозима коркард нашудааст, ва дар ин замина пешниҳод мегардад, ки механизми ҷалб ва татбиқӣ ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими давлатӣ ва назорати фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳи қонунгузорӣ танзим карда шавад [19-М], [21-М].

10. Меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2015 «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор» асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби гузаронидани назоратро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ намуда мустаҳкам менамояд. Таҳлили муқоисавии меъёрҳои қонун ба хулосае меорад, ки ба худи назорат, намуд ва шаклҳои он, ҳамчунин ба ҳимояи ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва манфиатҳои қонунии субъектони соҳибкорӣ ҳангоми гузаронидани назорат зарур аст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир кард [40-М], [48-М].

11. Бозори хизматрасонии суғурта барои самаранок ва ҳамзамон амалигардии мунтазами ҷараёнҳои соҳибкорӣ нақши муҳим ва калидӣ

мебозад. Баробари ҳамин, рушди бозори суғурта бидуни танзими ҳуқуқии зарурӣ, механизмҳои амалисозии он ғайриимкон мебошад. Бо дарназардошти амал кардани қонунҳои иқтисодӣ, пешниҳод мегардад, ки низоми мазкур ба монанди дигар намудҳои бозор ба қоидаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқ гардонида шавад.

12. Дар замони ҳозира зарурати таъминоти рушди ниҳоди суғурта дар фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон қонунан пешбинӣ гардида дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мустаҳкам шудааст. Дар ин соҳа пешниҳод мегардад:

а) зарур аст, ки дар амалисозии сиёсати давлатии суғуртакунии ҷараёнҳои соҳибкорӣ таҷрибаи кишварҳои хориҷаи рушдёфта омӯхта шуда, қабул карда шавад;

б) бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар, ва бо дарназардошти вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таъмини дастгирии давлатӣ ба субъектони фаъолияти суғурта зарур аст;

в) зарур аст, ки субъектони фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо амалигардонии манфиатҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ алоқаманд мебошад, аз ҷиҳати ҷуброни зарари моддӣ суғурта карда шаванд;

г) бо мақсади пардохти ҷуброни суғурта ба субъектони фаъолияти соҳибкорӣ, ки ҷавобгарии он ба дӯши ширкатҳои суғурта мебошад, зарур аст, ки фонди махсуси давлатӣ ва ғайридавлатӣ ташкил карда шавад.

13. Дар соҳаи таъмини иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ, ки бо ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд, пешниҳод мегардад, ки бояд принсипҳои «хирадмандӣ», «оқилонагӣ», «поквиҷдонӣ» ба роҳбарӣ гирифта шавад. Таҷриба шаҳодат медиҳад, ки дар аксари ҳолатҳо иҷро накардан ва ё нодуруст иҷро кардани шартҳои шартнома аз дуруст ва босаводона тартиб додани ҳамаи шартҳои созиш вобастагӣ дорад [60-М], [68-М].

14. Пешниҳод мегардад, ки ба меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шавад, ки метавонад ба рушди татбиқи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар муносибатҳои шартномаҳои соҳаи соҳибкорӣ мусоидат намояд:

а) банди 1 моддаи 524 КМ ҶТ (Уҳдадории фурӯшанда оид ба супоридани мол) бо матни зерин ишора гардад: «Фурӯшанда уҳдадор аст поквиҷдонона ба харидор моли баландсифатро, ки дар шартномаи хариду фурӯш пешбинӣ шудааст, ба харидор супорад»;

б) банди 1 моддаи 537 КМ ҶТ (Сифати мол) бо матни зерин ишора гардад: «Фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор молеро супорад, ки сифати кадоме бо шартномаи хариду фурӯш мувофиқат намуда, дар асоси принсипи хирадмандӣ ба харидор зарар нарасонад»;

в) банди 1 моддаи 560 КМ ҶТ (Шартномаи хариду фурӯши чакана) бо матни зерин ишора гардад: «Дар асоси шартномаи хариду фурӯши чакана, фурӯшандае, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст, уҳдадор мешавад дар асоси принсипҳои хирадмандӣ, оқилона ва поквиҷдонона ба харидор молеро супорад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, хонаводагӣ ва ё дигар истифодае, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест, пешбинӣ шудааст»;

г) мазмуни моддаи 571 КМ ҶТ (Ҷавобгарии фурӯшанда ва дар шакли асл иҷро намудани уҳдадорӣ) бо матни зерин ишора гардад: «Дар сурати поквиҷдонона иҷро накардани уҳдадориҳои худ ё иҷрои нодурусти онҳо аз тарафи фурӯшанда мувофиқи шартномаи хариду фурӯши чакана, пардохти зарар ва пардохти ноустуворона фурӯшандаро аз иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл озод намекунад».

15. Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон то имрӯз дар сатҳи зарурӣ ҳалли худро наёфтаанд, ва он мунтазам такомули қонунгузорӣ, коркард ва қабули механизмҳои ҳуқуқии амалишавии ҳифзи маданӣ-ҳуқуқиро металабад. Ҳамзамон ба муаммоҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон, умуман ҷомеа, аз тарафи Сарвари давлат ва Хукумат диққати махсус дода мешавад. Баҳри ноил гардидан ба самтҳои ишорашуда ва мақсадҳои пешгузошта пешниҳод карда мешавад, ки таҷрибаи давлатҳои рушдёфта, меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии пешқадам омӯхта шуда қабул гардад.

16. Пешниҳод мегардад, ки ба моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» тағйиру иловаҳо бо мазмуни зерин ворид карда шавад: «Фурӯшанда (истеҳсолкунанда, хизматрасонанда, иҷрокунанда) уҳдадор аст, ки зиёнро (зарари воқеӣ) бо тартиби ихтиёрӣ ва ё судӣ ба истеъмолкунанда расонад, агар ба шарте, ки чунин зиён аз натиҷаҳои маҳсулоти пастсифат расонида шуда бошад, кадоме аз ҷониби фурӯшанда пешакӣ огоҳ нагардида буд».

17. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2017 «Дар бораи ҳимояи рақобат» ва қонунгузории баъзе аз давлатҳои ИДМ имкон медиҳад, ки хулоса дар бораи зарурати ворид намудани иловаҳо ба меъёрҳои қонун нисбати огоҳонидан ва пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона дар бозор пеш омадааст. Татбиқи чораҳои хусусияти огоҳонидан дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва бештар аз он дар танзими зиддиинҳисории муносибатҳои бозорӣ, ба субъектони соҳибкорӣ барои таъмини манфиатҳои қонунии худ имкон медиҳад [34-А], [50-А], [58-А].

18. Бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи рақобат пешниҳод мегардад, ки чунин чораҳои ҳуқуқӣ андешида шаванд:

– ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонуни амалкунанда бо ишораи ҳифзи рақобат ва механизмҳои ҳимояи он;

– пурзӯр намудани ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва ҷиноӣ;

– коркард ва ҷорӣ намудани механизмҳои шаффофи иҷроиши меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти назораткунанда;

– дар мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, вазоратҳо, идораҳои давлатӣ, хадамотҳо таъсис додани сохтори махсус дар асоси ба роҳ мондани ҳамкории муфид бо мақомоти зиддиинҳисорӣ;

– мусоидат намудан ба баррасии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи ҳифзи рақобат дар мақомоти судӣ ва тариқи оммавӣ иттилоотонии натиҷаҳои он [3-М].

19. Бо дарназардошти мавқеи принсипалӣ доштани ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар шароити муосири муносибатҳои бозорӣ, ба мақомоти қонунгузорӣ зарур мебошад, ки тариқи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни ҳимояи рақобат моддаи алоҳида - «Принсипҳои асосии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ҳамроҳ карда шавад [75-М].

20. Танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ, ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар ин соҳа мувофиқи қонунгузории амалкунанда диққати ҳамарӯзаи танзими давлатӣ ва такомули онро талаб менамояд [12-М], [39-М]. Пешниҳод мегардад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такмил дода шуда, ҷиҳати фароҳам овардани муҳит барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ тавассути коркарди механизмҳои демократии (озодона, шаффоф) идоракунӣ ва назоратбарӣ, имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ ва ғайра тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ ворид карда шавад.

21. Дастгирии давлатӣ бояд бо чунин самтҳои афзалиятнок, ба монанди такмили доимии қонунгузорӣ аз рӯйи масъалаҳои рушди соҳибкории сармоягузорӣ ва идоракунии сифатноки муҳити сармоягузорӣ амалӣ карда шавад [51-М], [52-М].

